ЧАРО ЗОРРО? ДАРГУЗАШТИ ИЗЗАТУЛЛО ШАРИФЗОДА с. 5

МУСАЛМОН ШАҲРДОРИ НЮ-ЙОРК ШУД с. 4

ЗАН ВА ИДОРАИ МОЛИЯИ ОИЛА с. 7

ТОҶИКИСТОН

№45 (1658), 5.11.25 — Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! — Оғози нашр соли 1992



ДУ ҚАТОРА – ЯК ҲАДАФ

Роҳе, ки мушкили танбашавиро дар Душанбе осон мекунад





ДАР ИН ШУМОРА:

АЗ ҚАТАР БА АМРИКО
Президент дар Давҳа чӣ гуфт ва чаро ба Вашингтон рафт? с.3

ПРЕЗИДЕНТ
Маошашро ба сохтмони мактаб хайр кард с.4

РУСИЯ
Даъват ба артиш тамоми сол сурат мегирад с.5

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ
Прокурор барканор ва аз мақомот ронда шуд с.5

ТАМАЛЛУҚ МАЗАН!
Насиҳати Ҷалол Икромӣ ба Маъруф Бобоҷон с.8

ҶОНИБЕКИ ҚУВНОҚ
Сафири фарҳанги Тоҷикистон ва Ӯзбекистон с.13

МУСОФИР НЕСТ
Лағви парвозҳо миёни Душанбе ва Самарқанд с.5

ФАРБЕҲӢ
Хатари пинҳон ба саломатӣ ва ҷомеа с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ДУ ҚАТОРА - ЯК ҲАДАФ

Роҳе, ки мушкили танбашавиро дар Душанбе осон мекунад



Вазорату идораҳо бояд ба ҷои «намешавад» гуфтан роҳҳои “чӣ гуна мешавад?”-ро ҷӯянд. Таърих собит кардааст, ки вақте дар Душанбе сохтани хонаҳои аз нуҳошёна баландро “хатарнок” мехонданд, ирода ва ҷасорати роҳбари ҷавони Душанбе Рустами Эмомалӣ собит сохт, ки ҳама чиз имконпазир аст.

МУШКИЛОТИ РӮЗАФЗУНИ ҲАРАКАТ ДАР ШАҲР

Сол ба сол ҳаракати нақлиёт дар шаҳри Душанбе душвортар мегардад. Танҳо дар панҷ соли охир шумораи мошинҳои сабукрав қариб ду баробар афзудааст. Ҳар саҳар ҳазорҳо сокинони Ҳисор, Шаҳринав, Ваҳдат ва Турсунзода барои кор ба пойтахт меоянд. Азбаски алтернативаи қулайи нақлиёти ҷамъиятӣ вуҷуд надорад, аксарият бо мошинҳои шахсӣ ҳаракат мекунанд.

Натиҷа равшан аст: роҳҳои асосии пойтахт, аз ҷумла кӯчаҳои Шоҳтемур, Сино, Рӯдакӣ ва Айнӣ ва қисмати ҷанубиву ғарбии шаҳр субҳ ва шом пур аз мошин мешаванд. Банд шудани роҳҳо на танҳо вақти одамонро талаф медиҳад, балки ба асабоният, хастагӣ, ифлосшавии муҳит ва паст шудани самаранокии меҳнат оварда мерасонад. Сокинон мегӯянд, роҳе, ки бояд 20 дақиқа тӯл кашад, баъзан ба роҳи яксоата ва бештар аз он табдил меёбад.

Ин масъала танҳо мушкили нақлиётӣ нест, балки ба мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ табдил ёфтааст. Ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва сомонаи Pressa.tj даҳҳо номаҳо ворид шудаанд, ки шаҳрвандон аз танбашавии роҳ, норасоии нақлиёти ҷамъиятӣ ва набуди роҳҳои алтернативӣ изҳори нигаронӣ мекунанд.

ДАР ҶУСТУҶӮИ РОҲИ ҲАЛ

Ҳукумати шаҳри Душанбе ба ин мушкил бетараф нест. Солҳои охир лоиҳаҳои зиёди васеъсозии кӯчаҳо, сохтмони роҳи ҳалқай, пулу гузаргоҳҳои зеризаминӣ татбиқ шудаанд. Бо вуҷуди ин, афзоиши босуръати шумораи мошинҳо ва тамаркузи фаъолияти иқтисодию хизматрасонӣ дар пойтахт талаб мекунад, ки нақшаи нав - нақлиёти роҳи оҳан тарҳрезӣ ва мавриди тадбиқ қарор гирад.

Душанбе пойтахти маъмурӣ ва сиёсии кишвар аст, бинобар ин, масъулияти ҳалли масъала на танҳо бар дӯши шаҳрдорӣ, балки ба зиммаи Вазорати нақлиёт, Корхонаи роҳи оҳан ва бахшҳои хусусӣ низ вогузор мешавад.

Танбашавии роҳҳо ба симои пойтахт низ таъсир дорад. Сайёҳон ва меҳмонон аввалин таассуроти худро аз роҳҳо ва ҳаракат мегиранд. Вақте садҳо мошин дар роҳ банд мемонад, он ба имиҷи Душанбе ҳамчун шаҳри муосир ва тоза таъсири манфӣ мерасонад.

ҚАТОРАИ ДУОШЁНАИ ВАҲДАТ - ДУШАНБЕ-ТУРСУНЗОДА

Як хонандани «Тоҷикистон» пешниҳод кардааст, ки қатораи мусофирбари дуошёна миёни Ваҳдат, Душанбе, Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода бо чадвали доимӣ роҳандозӣ шавад. Чунин қатора метавонад ҳар ду соат як маротиба ҳаракат кунад ва ҳазорон нафарро аз истифодаи мошинҳои шахсӣ халос созад.

Ин лоиҳа метавонад ба коҳиши бандшавии роҳ, сарфаи вақт ва паст шудани ифлосшавии ҳаво мусоидат кунад. Ғайр аз ин, он барои рушди иқтисодӣ ва сайёҳии водии Ҳисор низ аҳамияти калон дорад. Сайёҳон метавонанд бо қатора сайри манзараҳои табииву таърихии ин минтақаҳо кунанд.

ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ДИГАР

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чунин лоиҳаҳо комилан вокеӣ ва судманданд. Дар Полша, Венгрия, Олмон, Чехия ва Туркия қатораҳои шаҳрии дуошёна (suburban trains) дар масофаи то 100 км аз пойтахт фаъолият доранд. Онҳо вақти сафарро кӯтоҳ карда, иқтисоди маҳаллиро ба пойтахт мепайванданд ва гардиши тиҷоратиро зиёд мекунанд.

Дар Варшава, пас аз ҷорӣ шудани қатораҳои минтақавӣ, шумораи мошинҳои воридшаванда ба шаҳр то 30 фоиз коҳиш ёфт. Дар Туркия қатораҳои “Marmaray”, ки Истанбулро бо шаҳрҳои атроф мепайванданд, ҳамарӯза ҳазорҳо мусофирро интиқол медиҳанд ва рамзи нақлиёти сабзу муосир ба шумор мераванд.

МОНЕАҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Татбиқи чунин лоиҳа дар Тоҷикистон маблағи калонро талаб намекунад, вале ҳамоҳангсозии дақиқро тақозо дорад. Масъалаҳои асосӣ тақдиди роҳҳои мавҷуда, таъмини бехатарӣ ва ташкили хизматрасонии мунтазам мебошанд. Аммо ин харочот дар муқоиса бо фоидаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди минбаъда дар шаҳри Душанбе ночиз аст.

Танзими чунин ҳаракат, бешубҳа, ниёз ба таҳқиқоти ҷиддӣ дорад. Соатҳои авҷи ҳаракат, теъдоди мусофирон, басомади қатораҳо ва нархи чиптаҳо бояд бо таҳлили амиқ муайян шаванд. Айни ҳол қатораҳои мавҷуда аз самти Турсунзода ба Душанбе танҳо ду маротиба дар як рӯз ҳаракат мекунанд ва асосан барои интиқоли маводи ғизоӣ истифода мешаванд. Аммо сухан дар бораи қатораи дуошёнаи мусофирбаре (шояд якошёна) меравад, ки ҳам зебо, ҳам ҷолиб ва ҳам муосир аст ва муназзам ҳар ду соат як маротиба дар масири зикршуда ҳаракат кунад.

ДИДГОҲИ НАВ БАРОИ ДУШАНБЕ

Қатораи дуошёнаи “Ваҳдат - Душанбе - Турсунзода” метавонад рамзи ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоии пойтахт бо шаҳрҳои атроф гардад. Ин иқдом на танҳо роҳҳоро сабуктар мекунад, балки Душанберо ба як маркази сабзи энергетикӣ ва сайёҳӣ табдил медиҳад. Ҳар як қатора на танҳо воситаи ҳаракат, балки пули дӯстӣ ва рушди нав миёни шаҳрҳо хоҳад буд.

Албатта, ҳар оғоз мушкил дорад, вале бе ибтикор ҳеҷ тағйир рух намедиҳад. Бисёр чизҳое, ки имрӯз воқеӣ шудаанд, аз ҷумла сохтмони боғҳои зебо, кӯчаҳои нав, хиёбонҳои муосир ва хонаҳои баландошёна, замоне афсона менамуданд. Бо ибтикороти раиси ҷавони шаҳр Рустами Эмомалӣ ин афсонаҳо ба воқеият табдил ёфтанд. Пас чаро афсонаи қатораи дуошёнаро низ ба ҳақиқат табдил надиҳем?

Дар ниҳоят, татбиқи чунин лоиҳа метавонад Душанбе ва тамоми водии Ҳисорро ба як минтақаи ягонаи иқтисодию иҷтимоӣ, намунаи устувори шаҳрсозии муосир ва нақлиёти сабз дар Тоҷикистон табдил диҳад.

ЧӢ БОЯД КАРД?

Ин таҷрибаро метавон дар дигар минтақаҳо васеъ роҳандозӣ кард: масалан, Хуҷанд - Конибодом - Исфара, ки роҳи оҳан мавҷуд аст, вале мавриди истифода қарор намегирад.

Панҷакент низ, ки фоизи калони ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба он рост меояд ва дар як гӯшаи дурдаст аз маркази чумҳурӣ ва вилоят қарор дорад, метавонад аз ин имконият бархӯрдор гардад. Роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд, ки имрӯз қариб то ҳудуди Саразм расидаву ҳамагӣ се-чор километри дигар мондааст, ки ба дохили шаҳри Панҷакент ворид гардад, метавонад симои иқтисодиву иҷтимоии тамоми минтақаи Зарафшонро дигар кунад. Ба андешаи коршиносон, ин лоиҳа на танҳо яке аз муҳаррикҳои асосии рушди иқтисодии шимолу ғарби кишвар мегардад, балки Панҷакентро ба як маркази нави тиҷорату сайёҳӣ табдил хоҳад дод.

Пайвастшавии мустақими роҳи оҳан бо маркази шаҳр имкони фавқулода барои рушди боркашонӣ, афзоиши гардиши мол ва осон шудани иртиботи тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фароҳам меорад. Аз ин роҳ метавон ҳам маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии водии Зарафшонро ба бозорҳои хориҷӣ содир кард ва ҳам ашёи заруриро ба минтақа бо арзиши пасттар ворид намуд.

Аз нигоҳи сайёҳӣ, чунин хати роҳи оҳан ҳазорон меҳмонро аз Самарқанд, Бухоро ва шаҳрҳои дигар ба тамошои Саразм - маркази тамаддуни беш аз 5500-солаи ориёӣ, Искандаркӯл - ганҷи зебои табиат ва пойтахт - шаҳри Душанбе ҷалб мекунад.

Ҳамзамон, ин хати роҳи оҳан яке аз роҳҳои асосии кишварро, ки бо ташаббуси Пешвои миллат бунёд гардидааст, аз зери фишори мошинҳои вазнини боркаш ва ангишткаш раҳо месозад. Беш аз ин, он орзуи дерини Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуровро амалӣ мегардонад. Орзуе, ки ӯ ҳанӯз соли 1948 дар мулоқот бо Иосиф Сталин баён карда буд: пайваст кардани роҳи оҳани Самарқанд тавассути Панҷакент бо Душанбе.

Таърих собит сохтааст, ки агар сохтмони роҳи оҳани Самарқанд - Панҷакент аз ҳар нигоҳ - ҳам иқтисодӣ, ҳам сиёсӣ ва ҳам иҷтимоӣ барои Тоҷикистон муҳим намебуд, соли 1924 Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва соли 1948 Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров онро ба миён намегузоштанд.

Вазорату идораҳо бояд ба ҷои «намешавад» гуфтан роҳҳои “чӣ гуна мешавад?”-ро ҷӯянд. Таърих собит кардааст, ки вақте дар Душанбе сохтани хонаҳои аз нуҳошёна баландро “хатарнок” меҳонданд, ирода ва ҷасорати роҳбари ҷавони Душанбе Рустами Эмомалӣ собит сохт, ки ҳама чиз имконпазир аст.

Шариф ҲАМДАМПУР,
“Тоҷикистон”



АЗ ҚАТАР БА АМРИКО

Эмомалӣ Раҳмон дар Давҳа чӣ гуфт ва чаро ба Вашингтон рафт?

4-5-уми ноябри соли равон Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти дуюми СММ оид ба рушди иҷтимоӣ, ки аз 4 то 6-уми ноябр дар шаҳри Давҳа баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ намуд. Ҳамчунин, дар ин ҳамоиш Сарвари давлат бо амири Қатар Ҳамад оли Сонӣ ва Президенти Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ дидору гуфтугӯ кард.



АЗ БАЙН БУРДАНИ ФАҚР

Эмомалӣ Раҳмон 3-юми ноябр бо мақсади ширкат дар нишасти дуюми СММ оид ба рушди иҷтимоӣ ба Давҳа сафар кард. Дар ин нишаст роҳбарони кишварҳои ҷаҳон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ масъалаҳои аз байн бурдани фақр, таъмини кори шоиста, ҳамгироии иҷтимоӣ ва рушди устуворро баррасӣ карданд.

4-уми ноябр Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ гуфт, ки “таъмини рушди иҷтимоӣ ба фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисод ва устувории муҳити зист пайвастагии зич дорад”.

Ӯ гуфт, Тоҷикистон, ки 93% қаламравашро кӯҳсор ташкил медиҳад, аз пайомадҳои тағйирёбии даврии гидрологӣ, обхезиву хушксолӣ ва дигар офатҳои табиӣ осебпазир мебошад.

Бо ишора ба ин роҳбари давлат афзудааст, ки “кишварҳои рӯ ба тараққӣ, хусусан кишварҳои кӯҳистонӣ ва маҳсур дар хушкӣ, дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини устуворияи иҷтимоӣ бо мушкилоти зиёд дучор шудаанд”.

“Мо зарурати андешидани чораҳои ҷиддиро барои бехтар намудани дастрасии кишварҳои осебпазир ба манбаъҳои молиявӣ ва таъмини маблағгузории устувор, алалхусус дар соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳкими сармояи инсонӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим таъкид менамоем”,- зикр кардааст Эмомалӣ Раҳмон.

Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон зимни суханронии худ дар ин ҳамоиш пешниҳод кардааст, ки Фонди ҷаҳонии адолати иҷтимоӣ таъсис дода шавад, ки ба кишварҳо дар муборизаи камбизоатӣ дастгирии амалӣ хоҳад расонд.

ДИДОР БО САРОНИ КИШВАРҲО

Ҳамчунин, ба иттилои хадамоти матбуотии Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи сафараш ба Давҳа бо амири Қатар ва раисҷумҳури Покистон мулоқот кардааст.

Дар ҷараёни суҳбат бо Шайх Тамим ибни Ҳамад оли Сонӣ, амири Қатар, ки рӯзи 4-уми ноябр сурат гирифт, Эмомалӣ Раҳмон “аз ҷараёни рушди муносибатҳои Тоҷикистону Қатар” изҳори қаноат карда, ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, муҳоҷират, фарҳанг, илму маориф ва сайёҳиро ба баррасӣ гирифтааст.

Раисҷумҳури Тоҷикистон “иштироки сармояи қатарӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ва тавлиди нерӯи барқ”-ро муҳим донистааст.

Дар мулоқот бо Осиф Алӣ Зардорӣ бошад, рушди муносибатҳои Тоҷикистону Покистонро баррасӣ карда, барои таҳкими робитаҳо таъсиси Шурои муколамаи стратегиро зарур донистааст.

АЗ ДАВҲА БА ВАШИНГТОН


Пас аз анҷоми сафар ба Қатар Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 5-уми ноябр ба ҷалласаи “Осиёи Марказӣ - Амрико” ба шаҳри Вашингтон сафар кард. Ин ҷаласа рӯзи 6-уми ноябр баргузор мешавад. Қаблан Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико президентҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯбекистонро барои иштирок дар ин мулоқот даъват карда буд.

Вашингтон таъкид карда буд, ки Амрико қасд дорад ҳамкориро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш диҳад ва 10-солагии қолаби дипломатии “С5+1”-ро ҷашн хоҳад гирифт. Ёдовар мешавем, ки қолаби “Осиёи Марказӣ - ИМА” як қолаби муколама ва талошҳои муштараки Иёлоти Муттаҳида ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ мебошад. Дар бораи ин нишаст ва аҳамияти он ба Тоҷикистон дар шумораи қаблии “Тоҷикистон” матлаби таҳлилӣ нашр шуда буд. Онро метавонед аз сомонаи pressa.tj мутолиа кунед.

Сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Вашингтон ва ҷузъиёти нишасти “Осиёи Марказӣ - ИМА”-ро низ аз сомонаи pressa.tj ва саҳифаҳои он дар шабакаҳои “Фейсбук”, “Инстаграм” ва “Телеграм” пайгирӣ кунед.

О. СОҲИБЗОДА

САРИ САБЗ



Зиё АБДУЛЛО,
шоир ва донишманди тоҷик

- Ҳар коре рӯзгори кушоиш ва шукуфтан дорад ва сукут низ, аз он ҷумла забон ва адабиётамон. Забонамон ҳоло дар шонакушоии тоза ва адабиётамон мисли адабиёти ҷаҳон дар шонапӯшӣ ва омӯзиш. Ба сабаби озодии интернет беҳудагӣ ва пучии хеле суханҳо низ рӯшан шудан доранд.

- Барои ҳамин, шонакушоиву шонапӯширо як тараф монда, ҳама аҳли зиё бояд дар пайи кушоишу шукуфоии забону адабиётамон бо истифодаи имконот, аз ҷумла озодии интернет бошанд.



Майсара ДИЛДОРОВА,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Дар шабакаҳо сурудҳоямро пахш мекунанд, вале, мутаассифона, доимо се-чор сурудро мегузоранд. Шукр, ман бештар аз 200 таронаву оҳанг эҷод намудаам, вале онҳо хазинаро намечӯянд ва касе надонад, мегӯяд, ки Ҳунарпешаи халқии ҶШС Тоҷикистон фақат чор суруд дорад.

- Афсӯсу надомататон ҷон дорад, муаллимаи азиз. Чӣ дардест, номаълум, ки шабакаҳои телевизиониву радиоӣ бештар сурудҳои “ситораҳои навбаромад”-ро пахш мекунанд, ҳатто копихониву фонограммаро.



Исроил ҚУРБОНЗОДА,
собиқ мудири маорифи ноҳияи Ҳуросон

- Баъди кор бо даъвати дӯстам ба маркази дилхушӣ рафта, “подстава” шудам. Ҳамаро дӯсти ҷонӣ фикр кардему гуфтем, ду-се дақиқа шинем ҳамроҳашон, ки “подстава” будааст. Аз миёни рафиқон касе навор гирифту ҳамин хел шуд.

- Хайр, худро зиёд асабонӣ накунед. Аз ин баъд ширро пуф карда мехӯред, яъне пеш аз рафтан ба маркази дилхушиву ҷунбондану ларзондан аввал дӯстони ҷонӣ мекобед, агар ёбед.

Нахустин мусалмон - шаҳрдори Ню-Йорк

Зуҳрон Мамдонӣ, номзади Ҳизби демократи Амрико дар интихоботи шаҳрдори Ню-Йорк ғалаба кард. Ин дар ҳолест, ки ӯ яке аз мухолифони Президент Доналд Трамп аст.




Зуҳрон Мамдонӣ аввалин мусалмоне аст, ки ба мақоми шаҳрдори Ню-Йорк мерасад. Мамдонӣ дар шаҳри Кампалаи кишвари Уганда дар хонаводаи мусулмони ҳинду таваллуд шуда, дар 7-солагӣ бо волидон ба Ню-Йорк муҳоҷир шудааст. Модараш Мира Наир коргардони филмҳои ҳинду-амрикоӣ ва падараш Маҳмуд Мамданӣ як олими угандай аз насли ҳинду аст. Пештар Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико аз Мамдонӣ интиқод карда, ӯро "коммунист" хонд ва аз сокинони Ню-Йорк хост, ки ба ҷонибдорияш раъй надиҳанд.

AP

Пизикшкиён маошашро ба сохтмони мактаб бахшид

Масъуди Пизишкиён - раисҷумҳури Эрон маоши якмоҳаи худро ба сохтмони мактабҳо бахшид. Дар ин бора дафтари матбуоти раисҷумҳур дар саҳифаи Х хабар дод.



Бунёди "Хайрия мактабсоз", ки бо мақсади дастгирии барномаҳои сохтмон, таъмир ва таҷдиди мактабҳо дар минтақаҳои камбизоат ва дурдаст соли равон ба фаъолият оғоз кард, низ хайрияи Пизишкиёнро тасдиқ кардааст.

Дар сомонаҳои боз миқдори маоши раисҷумҳури Эрон нишон дода нашудааст, вале коршиносон чунин тасмими раисҷумҳурро тавсиф кардаанд.

ИСНА

МАВҶИ НАВИ ҚОНУНҲОИ ЗИДДИ ТАМОКУ ДАР ҶАҲОН

Молдив аз 1-уми ноябр иҷрои қонунеро оғоз кард, ки харид, фурӯш ва кашидани тамокуро барои касоне, ки пас аз январи соли 2007 таваллуд шудаанд, манъ мекунад. Ба ин тартиб, ин кишвари хурди воқеъ дар Уқёнуси Ҳинд кишвари нахустини ҷаҳон аст, ки ба таври расмӣ худро "насли бидуни сигор" муаррифӣ кардааст.



Вазорати тандурустии Молдив эълон кард, ҳадафи ин тарҳ, ки аз сӯи раисҷумҳури ин кишвар Муҳаммад Муиззу пешниҳод ва қабул шуд, "ҳифзи саломатии мардум ва парвариши насле ба дур аз духониёт (ҳама ақсоми тамоку, ки барои дуд кардан истеъмол мешавад)" мебошад.

Бар асоси ин қонун, фурӯшандагон вазифадоранд пеш аз фурӯш синни харидоронро баррасӣ кунанд ва ин маҳдудият барои ҳама намуди духониёт, аз ҷумла, сигор ва тамоку амалӣ мешавад.

Ин мамнуият ҳатто шомили сайёҳоне ҳам мешавад, ки ба ҷазираҳои Молдив сафар мекунанд. Молдив бо 1191 ҷазира ва боду ҳавои муносиб бештар бо иқоматгоҳҳои муҷаллалаш шинохта мешавад.

Ҳукумати ин кишвар ҳамчунин овардан, тақсим ва истифода аз сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои "Vape"-ро барои ҳама гурӯҳҳои синнусолӣ манъ кардааст.

Фурӯши тамоку ба афроди зери синни 18-сола ба миқдори 50 ҳазор рупияи молдивӣ (ҳудуди 3200 доллар) ҷарима дорад ва истифода аз "Vape" 5 ҳазор рупия (320 доллар) ҷарима хоҳад дошт.

Дар ҳоле ки тарҳи ба ин монанд ҳанӯз дар парлумони Британиё дар ҳоли баррасӣ аст, Зеландияи Нав, ки нахустин кишвари ҷаҳон дар ҳоли иҷрои чунин қонун буд, як сол пас аз қабули ин қонун онро дар ноябри соли 2023 бекор кард.

Чанд кишвари дигар, аз ҷумла, Малайзия, Австралия, Ҳонконг, Дания, Ирландия ва Сингапур ҳам тарҳҳоеро барои манъи тадриҷии тамоку ироа кардаанд, аммо бештари онҳо ҳанӯз ба сабаби монеаҳои қонунӣ ё ниёз ба ислоҳи Қонуни асосӣ амалӣ нашудаанд.

Туркманистон аз охирҳои солҳои 1990 сиёсатҳои сахтгиронае алайҳи духониёт ҷорӣ кардааст. Ин кишвар дар соли 1998 таблиғ ва паҳн кардани сигорро манъ кард ва дар соли 2000 истеъмоли духониёт дар маконҳои умумиро ғайриқонунӣ донист. Дар соли 2013 низ қонуне барои ҳифозат аз саломатии шаҳрвандон қабул шуд, ки воридот, фурӯш ва таблиғи маҳсулоти тамокуро маҳдуд кард.

Ба иттилои Созмони Милал, дар солҳои охир теъдоди масрафкунандагони сигори электронӣ дар миёни наврасони 13-15-сола дар ҷаҳон ба таври назаррас афзуда ва 37 миллион нафарро ташкил медиҳад.

НИГАРОНИИ ГУТЕРРИШ АЗ ТАҲДИДҲО АЛАЙҲИ ЖУРНАЛИСТОН

Антонио Гутерриш, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид бо ишора ба афзоиши хатару таҳдидҳо зидди хабарнигорон дар саросари ҷаҳон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват кард, ки аз озодии расонаҳо ҳимоят намуда, ба ҷиноятҳои зидди намояндагони матбуот поёни қонунӣ диҳанд.

Ӯ рӯзи якшанбе, 2-юми ноябр ба муносибати «Рӯзи ҷаҳонии поён додан ба масуният аз ҷазо барои ҷиноятҳо алайҳи хабарнигорон» изҳор дошт, ки шумораи зиёди рӯзноманигорон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ҷони худро аз даст медиҳанд.



Гутерриш таъкид кард: «Вақте хабарнигорон хомӯш мешаванд, мо ҳама садои худро аз даст медиҳем».

Ӯ аз давлатҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ даъват намуд, ки барои ҳифзи озодии матбуот иқдом кунанд, омилони хушунат алайҳи хабарнигоронро ҷавобгар созанд ва шароите фароҳам оваранд, ки намояндагони расонаҳо тавонанд бе тарсу таҳдид фаъолияти худро идома диҳанд.

Ба навиштаи Кумитаи ҳимояи хабарнигорон (CPJ), се соли охир аз хатарноктарин давраҳо барои фаъолони расонаӣ будааст. Танҳо дар соли гузашта беш аз 125 хабарнигор ва корманди ВАО ҷони худро аз даст додаанд.

Ин кумита бо изҳори нигаронӣ аз афзоиши хушунат алайҳи рӯзноманигорон, ислоҳоти амиқ дар равандҳои таҳқиқ ва пайгарди қонунӣ нисбат ба омилони куштори онҳо талаб кардааст.

МАНЪИ ФАЪОЛИЯТИ МАКТАБҲОИ ХУСУСИИ РОНАНДАГӢ

Намояндагони дастгоҳи президенти Қирғизистон гуфтанд, ки минбаъд шаҳрвандон танҳо баъди хондан дар мактабҳои давлатии ронандагӣ соҳиби ҳуҷҷат мешаванд.



Мақомоти Қирғизистон аз он нигаронӣ кардаанд, ки фаъолиятҳои мактабҳои хусусии ронандагӣ олуда ба фасод буд ва талош доранд фасод дар ин бахшро аз байн баранд.

Мақомоти ин кишвар гирифтани ҳуҷҷати ронандагӣ баъди додани пораро яке аз сабабҳои зиёд шудани садама дар Қирғизистон гуфтанд.

Барҳеҳо дар Қирғизистон аз бастани мактабҳои хусусии ронандагӣ тарафдорӣ карданд, аммо гурӯҳи дигар онро танқид намуданд.

ЛАҒВИ ПАРВОЗҲО БА САМАРҚАНД

Парвозҳои мустақим миёни Душанбе ва Самарқанд пурра лағв шудаанд. Ин парвозҳо моҳи майи соли равон роҳандозӣ шуда буданд.

Аз ширкати ҳавопаймоии “Centrum Air”-и Ӯзбекистон ба хабаргузории "Азия-Плюс" гуфтаанд, ки далели бекор шудани парвозҳо набудани талабот ба хатсайр ва кам будани мусофирон аст.

"Ҳатто дар давраи барқарор будани парвозҳо ҳавопаймоҳо пур намешуданд",- афзуданд аз ширкат.

Ба иттилои манбаъ, дар оянда наздик байни Душанбе ва Самарқанд парвозҳо барқарор намешаванд.

Ёдовар мешавем, ки парвозҳои ҳавопаймоӣ дар масири Самарқанд-Душанбе-Самарқанд пас аз таваққуфи 6-сола моҳи майи имсол барқарор шуда буданд.



БОЗОРҲО ИСТИРОҲАТ МЕКУНАНД?

Дар рӯзҳои истироҳатӣ ба муносибати Рӯзи Конститусия бозор ва марказҳои савдо дар Душанбе бо речаи маъмулӣ кор мекунанд. Дар ин бора шаҳрдории Душанбе хабар медиҳад. Ёдовар мешавем, ки ба муносибати Рӯзи Конститусия сокинони кишвар чор рӯз пайиҳам - 6, 7, 8 ва 9-уми ноябр истироҳат мекунанд.



«LONELY PLANET»

Тоҷикистонро ба сайёҳон тавсия медиҳад

Нашрияи байналмилалии “Lonely Planet” Тоҷикистонро яке аз кишварҳои мувофиқ барои пиёдагардӣ ва саёҳат дар муҳити кӯҳсор арзёбӣ карда, кишварро барои саёҳату кӯҳнавардӣ тавсия додааст.

Муаллифони мақола кишвари моро дар феҳристи “25 таҷрибаи беҳтарини сайёҳӣ дар соли 2026” (Best in Travel 2026) ворид намуда, дар баҳши “Пиёдагардӣ ва хаймазанӣ дар табиат” табиати зинда, маконҳои сайёҳӣ, кӯҳҳо ва шароити табиатгардӣ дар кишварро муаррифӣ карданд.

Нусхаи солонаи мақалаи “Best in Travel” аз ҷониби “Lonely Planet” яке аз манбаъҳои бонуфузи соҳаи сайёҳии байналмилалӣ мебошад. Коршиносон ва сайёҳони ботаҷриба беҳтарин кишварҳои сайёҳиро интихоб карда, маконҳои табиӣ ва табиати зиндаи онро муаррифӣ мекунанд. Тиражи ин нашрия 6 миллион нусха будааст.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон қаблан низ дар раддабандиҳои байналмилалӣ ҳамчун кишвари сайёҳӣ эътироф шудааст. Соли 2023 Тоҷикистон ба феҳристи “Самтҳои беҳтарини сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ” ва кӯҳҳои Помиру кӯли Искандаркӯл ба рӯйхати “Ҷолибтарин табиат дар масири Осиё” шомил шуданд.

Тибқи иттилои Агентии омори Тоҷикистон, дар 9 моҳи соли 2025 тақрибан 1,4 миллион сайёҳи хориҷӣ аз Тоҷикистон боздид кардаанд, ки ин 24% бештар аз ҳамин давраи соли гузашта аст. Аз ин шумора 1 258 100 сайёҳ аз кишварҳои ИДМ ва 130 700 сайёҳ аз кишварҳои берун аз ИДМ омадаанд.

РЕЗААХБОР

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Кӣ чӣ вазифа гирифт?

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3-юми ноябри соли 2025 таҳти раёсати президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қабул гардиданд, тағйироти кадрӣ дар чанде аз корхонаву идораҳои давлатӣ амалӣ шуданд.

Аз вазифа озод гардиданд:

Файзулло Машраб Қурбоналӣ - *ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия;*

Ғанизода Рустам Ғафур - *директори филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов дар Душанбе;*

Нориён Парвиз Исматулло - *директори ТВ “Варзиш”;*

Бахтдавлатов Раҳмонбек Давлатбекович - *раиси Комиссияи давлатӣ оид ба захираҳои канданиҳои фоиданок (ба нафақа баромад);*

Зокирзода Нусратулло Мелик - *ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам;*

Муртазозода Аҳлиддин Қарахон ва Гулов Хол Толибович - *муовинони сардори Хадамоти алоқа.*

Ба вазифаҳои нав таъйин гардиданд:

Маҳмадзода Шариф Сафаралӣ - *муовини вазири энергетика ва захираҳои об;*

Муҳаммадзода Чурабек Далер - *директори Маркази татбиқи лоиҳаи НБО “Хуталон”;*

Саидзода Шаҳбоз Майдон - *директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ;*

Иброҳимзода Илҳомуддин Рачабалӣ - *ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия;*

Аҳтамзода Абдуалим Аҳтам - *ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам.*

***

Прокурори вилояти Хатлон Аваз Назарзода "бинобар сабаби риоя накардани санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ ва содир намудани кирдоре, ки шаъну шарафи корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқро паст мезанад", аз вазифа озод ва аз мақомоти Прокуратура хориҷ карда шуд.



ЧАРО «ЗОРРО» ?

Даргузашти генерал-полковник Иззатулло Шарифзода

Генерал-полковник Иззатулло Шарифзода, маъруф бо лақаби "Зорро", сардори пешини Идораи зиндонҳо дар Тоҷикистон дар 72-солагӣ даргузашт. Дар ин бора Раёсати умури дохилии шаҳри Душанбе, ки аз соли 1997 то 2005 раҳбарияшро бар уҳда дошт, рӯзи 3-юми ноябр хабар дод.

ШАХСИЯТИ ПУРСАРУСАДО

Журналисти тоҷик Сайёфи Мизроб хабари даргузашти Шарифзодаро нахустин шуда расонаӣ кард ва навишт, ки иллати марги генерали маъруф бемории қалб будааст.

Генерал-полковник Иззатулло Шарифзода дувоздаҳ сол дар мақоми сардори Идораи зиндонҳо, ки тобеи Вазорати адлияи Тоҷикистон аст, кор кард. Соли 2018 ва пас аз чанд моҳи ошӯби хунин дар зиндони шаҳри Хуҷанд, ки зиёда аз бист кушта барҷой гузошт, аз мансаб барканор шуд.

Ӯ шахсияти пурсарусадо буд ва замони роҳбариаш борҳо аз ҷониби ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва рӯзноманигорон мавриди танқид қарор гирифта буд. Ҳамин аст, ки соли 2018 ӯ дари зиндонҳоро ба рӯйи ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон боз кард ва аз онҳо даъват намуд, ки ба зиндонҳои кишвар ташриф оранд ва аз вазъи воқеии он бевосита хабардор шаванд.

Ин пресс-тур ба зиндонҳо боис гардид, ки тасаввуроти ҷомеа, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон ба зиндонҳои кишвар ва шахсияти генерал Иззатулло Шарифзода тағйир ёбад.

Ӯ дар яке аз мусоҳибаҳояш гуфта буд: “Бале, ман сахтгирам, ба ҷинояту ҷиноятқор бетараҳҳумам, аммо Худо шоҳид, ба касе дидаву дониста зулм накардаам ва адолат барои ман арзиши воло аст”.

ИЗЗАТУЛЛО ШАРИФЗОДА КИСТ?

Дар бораи Иззатулло Шарифзода маълумоти зиёд дар даст нест.

Тибқи иттилои дарёфтӣ аз манобеъи боз, ӯ соли 1953 дар деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Хатмкардаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст.

Баъдан беш аз 15 сол дар низоми зиндонҳои кишвар - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (СРИҶҶ) фаъолият кардааст. Солҳои 1997-2005 дар вазифаи сардори Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе фаъолият кардааст.

(Давомаш дар саҳ. 14)

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



ГИРДОБИ ВАҲШАТ

Майдон хомӯш шуд, аммо ин хомӯшӣ дигар оромӣ не, марг буд. Садои тирҳо, ки чанд соат пеш фазоро мешикаст, фарёду гиря, нолаи модарон ва воҳимаи кӯдаконро ба бор оварда буд. Барфи сафед акнун бо рангҳои сурх ва сиёҳ олуда гашта буд. Аммо ин танҳо оғози гирдоби ваҳшат буд. Ҳамон рӯз ва рӯзҳои баъдӣ овозаҳо бо суръати аз ҳад зиёд паҳн мешуданд, то ҳар қалбро ба оташ кашанд.

Ҳар овоза мисли машъале буд, ки ба оташи аллакай афрӯхташуда партофта мешуд. Ва ҳар як шахрванди одӣ, ки аз хона мебаромад, намедонист ба кадом хабар бовар кунад, ба кадомаш не.

Шерализода он рӯзҳоро пеши назар оварда, менависад:

«Ман ба ҳар кӯчае, ки медаромадам, як нақли дигар мешунидам. Ҳар кас мегуфт: ман бо чашми худ дидам. Аммо вақте дақиқ мепурсидӣ, лабҳо хомӯш мешуданд. Ҳақиқат гум шуда буд, ҷояшро овоза гирифта буд. Ва ин овозаҳо ба мардум аз тир ҳам сахттар мерасиданд».

Дар пайи тирпаррониҳои рӯзи 12-уми феврал нооромӣ ба дигар гӯшаҳои шаҳр паҳн шуд. Шишаҳои дӯконҳо шикаста, мағозаҳо ғорат мешуданд. Гоҳо ин амал аз сӯи мардуми ба ғазаб омада анҷом мегирифт, аммо гоҳе низ касоне дида мешуданд, ки бо мақсад меомаданд: аввалин шуда санг мепартофтанд, аввалин шуда шиша мешикастанд. Шоҳидон баъдтар мегуфтанд, ки инҳо одамони одӣ набуданд. Либосҳояшон нав буд, чеҳраҳояшон бегона менамуд. Онҳо аввалин шуда оташ меандохтанд ва паси издиҳом ғоиб мешуданд.

Овозаҳои даҳшатнок ва ғорату харобкорӣ ба мақсади ягона хидмат мекарданд: ташкили тасвири «миллати ваҳшӣ». Ва матбуоти умумишуравӣ атрофи ин образ нақора менавохт.

ПАЁМАДҲОИ СИЁСӢ

Фоҷиа аз майдон ба утоқҳои баланд роҳ ёфт. Пас аз тирпаррониҳои 12-уми феврал ва рӯзҳои пурғавғо, ки ба дунболи он омаданд, роҳбарияти ҷумҳурӣ дар остонаи шикаст қарор гирифт. Миллат дигар ба онҳо бовар надошт. Ва худи онҳо низ медонистанд, ки эътимод аз даст рафтааст. Аввал Қаҳҳор Маҳкамов, котиби якуми Ҳизби коммунист ба муҳосира гирифта шуд.

Иззатулло Ҳаёев, раиси Шурои вазирон низ бо ҳамон андеша рӯ ба рӯ шуд. Мардум ӯро ҳам ҷавобгар медонистанд. Ғоибназар Паллаев, раиси Шурои Олӣ низ ҳамон рӯзҳо дигар аз чашми мардум наафтод.

Дар чанд моҳи баъдӣ, ҳамаи онҳо маҷбур ба истеъфо рафтанд. Аммо ин истеъфо дигар хунеро, ки рехта буд, барнамегардонд. Паёмадҳо танҳо дар сатҳи роҳбарӣ набуданд. Дар паси пардаҳо боз як қуввои дигар ҳаракат мекард – олами ҷиноӣ.

Шоҳидон ва баъдан тафтишот ишора карданд, ки пеш аз сар задани нооромиҳо, дар қаҳвахонаи машҳури он солҳо «Пингвин» роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноӣ ҷамъ омада буданд. Он ҷо гӯё нақшаи ҳамоҳангии амалҳо баррасӣ шуд.

Петкел, сардори вақти КГБ баъдан дар хотираҳояш эътироф кард:

«Ҳам мо ва ҳам роҳбарони ҳизбӣ маҷбур будем бо олами ҷиноӣ дар тамос бошем. Онҳо қуввае буданд, ки метавонистанд дар як шаб шаҳрро ба оташ кашанд ё оташро хомӯш созанд».

Ин ҳамкорӣ байни ҳукумат ва гурӯҳҳои ҷиноӣ як бозии хатарнок буд. Ва дар баҳманмоҳи хунин ин бозӣ ба саҳна кашида шуд. Дар сатҳи сиёсӣ бошад, фоҷиа ба як воситаи тарсонидан табдил ёфт. Маскав медид, ки ҷунбишҳои миллӣ қувват мегиранд. «Растохез» ва дигар гурӯҳҳо мехостанд забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ бигирад, мехостанд интихоботи озод баргузор шавад. КГБ ба роҳбарият ҳушдор дод:

- Онҳо бо исломгароён ҳамзабон шудаанд. Агар ичоза диҳед, коммунистҳо дар интихобот шикаст мехӯранд.

Ҳамин буд, ки баҳманмоҳ барои роҳбарони Шуравӣ на танҳо як фоҷиа, балки як «дарси сиёсӣ» шуд: роҳҳои дигари идоракунии миллат дигар вучуд надоранд, танҳо тарсу тир боқӣ мондааст.

Аммо ин дарс барои Тоҷикистон хеле гарон афтод. Миллат эътимодашро ба роҳбарон аз даст дод. Вақте эътимод барбод равад, давлат дигар пояи устувор намеёбад. Баҳманмоҳи хунин танҳо як гирдиҳамоӣ набуд. Ин оғози даврai тӯлонии нооромӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

БОЗГАШТ БА МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

Пас аз чанд рӯзи ҳодисаи баҳманмоҳи хунин, ногаҳон, як бегоҳ дари штаби интихоботӣ боз шуд ва Шерализода ворид гашт. Бе огоҳии пешакӣ. Чеҳрааш хаста буд ва дар он осори нороҳатӣ эҳсос мешуд. Ҳузури ӯ толорро пур кард.

Мо ба ӯ ҳисобот додем. Вазъ дар ҷамоати Ворӯ мушкил буд, чунки ин ҷамоат номзади худро дошт. Мардум дар баъзе деҳот гаштаю баргашта талаб мекарданд, ки Шерализода худаш ба мулоқот биёяд. Хусусан сокинони деҳаи Зимтут. Қаблан аъзои гурӯҳи тарғиботӣ Низомиддин Зарифов ва Бобомурод Бӯтазода ба он ҷамоат рафта буданд, вале қариб буд, ки сафари онҳо бо фоҷиа анҷом ёбад. «Запарожетс»-и Зарифов дар роҳи деҳаи Пағна чаппа шуд. Хушбахтона худашон ҷон ба саломат бурданд.

Субҳи дигар мо бо намояндагони деҳаи Зимтут тамос гирифтем. Онҳо гуфтанд: «Ҳар вақте ки хоҳед, биёед. Мо барои мулоқот бо номзад омодаем, мардум ҳам омодаанд».

Рӯзи дигар мо бо Шерализода роҳ сӯйи он деҳа пеш гирифтем.

МУЛОҚОТ ДАР ЗИМТУТ

Ҳаво сард буд. Мо мошинро дар даромадгоҳи деҳа дар канори роҳ гузоштем. Баробари ба деҳа қадам гузоштани мо дарвозаи ҳавлиҳо боз мешуданд. Мардон бо ду дасти пеши бар ба истиқбол мебаромаданд, занону духтарон аз сӯрохии дарвозаҳо ба Шерализода менигаристанд. Онҳо бо чашмони кунҷковона номзадро пешвоз мегирифтанд ва гусел мекарданд.

Ҳангоме ки ба маркази деҳа расидем, мардум зиёд гирд омада буданд. Ҳар кас мехост ӯро аз наздик бинад, салом диҳад, дасташро фишорад. Пиронсолоне, ки асозанон ба кӯча баромада буданд, бо табассум ба Муродуллоҳ рӯй меоварданд: «Падари шумо бо асои чӯпонӣ мегашт, асои мо шикоят аз пирӣ мекунад». Занон кӯдаконашонро ба пеш тела медоданд: «Бо акаи Муродуллоҳ салом кунед».

Шерализода бо ҳар кадом самимона сухан мекард. Албатта дар толор буданд касоне, ки аз номзадҳои дигар ҷонибдорӣ мекарданд. Ҳатто вақте ки онҳо, ба гуфти худашон, саволҳои дандоншикан медоданд, ӯ боадабонава бомантиқ ҷавоб медод:

- Ман худ аз ҳамин мардумам. Мардум ҳақ дорад ҳақиқатро талаб кунад. Агар ману шумо ҳақиқатро пуштибонӣ кунем, қувваи дигаре моро шикаста наметавонад...

Он рӯз дар Зимтут мо дарси бузурге гирифтем. Аз аввал гумон доштем, ки мардум моро бо сардӣ пешвоз мегиранд, зеро ҷамоати Ворӯ номзади худро дошт. Аммо баръакс шуд. Мардум бо чеҳраҳои боз ба пешвози Шерализода баромаданд. Дар чашмони онҳо на рақобат, балки самимият ва эҳтироми амиқ медурахшид. Он рӯз фаҳмидем, ки самимият ва ҳақгӯӣ аз ҳамагуна шиорпартоию бузургитарошӣ болотар аст. Ин мулоқот ба рӯҳи мардум итминон бахшид ва ба худи Шерализода нерӯву ҷасорати тоза дод. Мардум ӯро дигар на ҳамчун як номзади навбатӣ, балки ҳамчун шахсе пазируфтанд, ки дарди онҳоро аз дохил медонад. Зимтут ба мо нишон дод, ки ҳақиқат ва ростқавлӣ ҳатто девори рақобатро мешиканад. Шерализода дар он рӯз барои мардум на танҳо номзад, балки рамзи умед шуд.

Самимияти мардуми Зимтут дар ҷамъбасти интихобот собит шуд. Аксари онҳо ба ҷонибдории Муродуллоҳ Шерализода овоз доданд...

ШЕРАЛИЗОДА – ВАКИЛИ МАРДУМ

Баъд аз ҳодисаҳои «Баҳманмоҳи хунин», зери фазои нооромии сиёсиву иҷтимоӣ интихоботи даъвати XII –и охирин Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон рӯзи 25-уми феврали соли 1990 баргузор гардид.

Интихобот бо ҳама душвориҳо ва ҳаяҷонҳо бо хушӣ анҷом пазируфт. Ба ҳайати Шурои Олии ҷумҳурӣ 230 нафар вакил интихоб шуданд.

Дар миёни онҳо Муродуллоҳ Шерализода низ буд. Ӯ, ки аз ҳавзаи интихоботии худ бо аксарияти овозҳо пирӯз баромад, ба саҳнаи нави фаъолияти сиёсӣ қадам гузошт.

Барои Шерализода ин на танҳо як мақоми вакилӣ, балки идомаи рисолате буд, ки солҳо бо қалам ва сухан ба дӯш дошт: дифоъ аз ҳақиқат, адолат ва ҳимояи манфиатҳои мардум.

Вай аз ин пас на танҳо рӯзноманигор ва олим, балки вакили мардумӣ низ буд, ки бо бовару эътимоди ҳамдиёрон ба минбари олии сиёсии ҷумҳурӣ роҳ ёфт.

Таърих гувоҳ аст, ки интихобот танҳо муборизаи рақамҳо не, балки имтиҳони виҷдон ва эътимоди мардум аст. Онҳое, ки бо овози халқ ба минбар мебароянд, бояд дар хотир дошта бошанд: қудрат амонатест аз мардум. Ва ҳар кӣ амонатро бо дурустӣ нигоҳ дорад, номи ӯ дар саҳифаҳои таърихи миллат бо некӣ сабт мегардад.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

ҶАМЪБАСТИ ОЗМУНИ ЭССЕИ БЕҲТАРИН “ПУЛИ МИЛЛӢ – РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ”



1-уми ноябри соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарияти бонк, Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе”, ҳайати ҳакамон ва иштирокдорони озмуни эссеи беҳтарин дар мавзуи “Пули миллӣ - рамзи давлатдорӣ” маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони озмун доир гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва директори Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе” Нигора Султонзода дар маросими мазкур оид ба аҳамияти пули миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии нишони мустақилият дар истиқрори давлатдорӣ ва ифодагари соҳибихтиёрӣ сухан гуфта, иштирокдорон ва ғолибони озмунро ба муносибати 25-солагии ба муомилот баровардани пули миллӣ - сомонӣ табрику таҳният намуданд.

Сипас, дар муҳити тантанавӣ ба ғолибони озмун ҷоизаҳо супурда шуд. Ғолиби ҷойи аввали озмун хонандаи муассисаи давлатии таълимии “Литсейи №2” Мародмамадова Мавлуда гардид. Ғолиби ҷойи дувум хонандаи муассисаи давлатии таълимии “Литсейи №1” ва ҷойи сеюмро хонандагони ҳамин муассисаи таълимӣ Мирзоева Амина ва Умарова Шаҳноза ба ҳам диданд.

Қобили қайд аст, ки дар озмун 47 нафар хонандагон аз 17 муассисаи таълимии шаҳри Душанбе иштирок намуда, дар баробари ғолибони озмун 16 нафар иштирокдорони фаъол аз гимназияҳои №1 ва №2, муассисаҳои таълимоти миёнаи умумии №19, №31, №60, №99, №100 ва литсейи Умари Хайём, ки навиштаҳояшон баҳои хуб гирифтааст, бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравии Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Хотиррасон мекунем, ки озмуни мазкур бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои ҳадафҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва бахшида ба 25-солагии ба муомилот баровардани пулли миллӣ - сомонӣ дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе” байни хонандагони синфҳои 10-11 гузаронида шуд.

ПУЛИ КОҒАЗИИ ҶАШНӢ БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДА ШУД

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бо мақсади таъмин намудани иқтисодиёт бо нишонаҳои пулӣ аз санаи 30-юми октябри соли 2025 пулҳои коғазии ҷашнӣ бо арзиши номиналии 100 сомонӣ ба муносибати 25-солагии пули миллӣ - сомонӣ ба муомилот бароварда шуд.



Пули ҷашнӣ на танҳо рамзи хотираи таърихӣ, балки нишони рушди устувори низоми пулию қарзӣ ва иқтисоди миллии кишвар буда, дар тарҳи он унсурҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва меъмории мамлакатамон инъикос ёфтаанд, ки аз тамаддуни қадима ва ҳунару созандагии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳанд.

Пулҳои коғазии ҷашнӣ дар қатори дигар пулҳои коғазии Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши номиналии 100 сомонӣ, ки дар муомилот қарор доранд, баробар гардиш менамоянд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

НАҚШИ ЗАНОН ДАР ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ОИЛА

Пул на танҳо воситаи муомилот, балки нишони масъулият ва идоракунии дуруст дар ҳаёти оилавӣ аст.



Аз нигоҳи Султонбии Раҳматзода, иқтисодшинос ва дотсенти ДМТ, занон дар мудирияти буҷа ва сарфу харочоти оила нақши калидӣ доранд ва бо истифодаи донишҳои молиявӣ метавонанд сатҳи зиндагии худро беҳтар намоянд. Ӯ дар суҳбат бо мо гуфт:

- Новобаста аз он ки пул ба дасти зан аст ё мард, истифодаи он масъулият ва эҳтиёткорӣ мехоҳад. Аммо, дар фарҳанги мо занон нисбат ба мардҳо дар истифодаи пул эҳтиёткорона амал мекунанд ва онро оқилона барои камбудиҳои зиндагӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои оилавӣ сарф мекунанд.

- Буҷаи оила ва банақшагирии молиявӣ ба ҳаёти занон чӣ гуна таъсир мерасонад?

- Мутаассифона, дар аксари оилаҳои мо мафҳуми буҷаи оила мавҷуд нест. Буҷа маҷмӯи даромадҳо ва харочоти оила аст, ки дар шакли рӯзона, ҳафта, моҳона ва солона тарҳрезӣ мешавад. Буҷа аз қисматҳои зерин иборат аст: даромад, харочот, пасандоз ва маблағгузорӣ. Агар оила мақсад гузошта, буҷаи худро дуруст идора кунад, сатҳи зиндагии онҳо беҳтар мешавад. Асосан занон масъули танзими буҷаи оила мебошанд.

- Пас, мушкили асосии молиявии занон чист?

- Дуруст ба нақша нагирифтани даромад ва харочот метавонад боиси мушкилоти молиявӣ гардад. Барои пешгирӣ аз ин занон бояд донишҳои молиявӣ дошта бошанд ва харочоти хонаводаи худро ба танзим дароранд.

Агар музди меҳнат кам бошад, тиҷорати хурди оилавӣ ташкил кунанд. Масалан, занҳои хонашин метавонанд шириниву ҳунари дастӣ омода намуда, дар бозорҳо фурӯшанд.

Ҳамчунин, ҳунар омӯзанд ва аз он даромади иловагӣ ба даст оранд. Ҳукумат барои занони ҳунарманд имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла қарз бо фоизи паст пешниҳод мекунад.

- Дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани саводнокии молиявии занон чӣ корҳо анҷом шудааст?

- Азхудкунии саводнокии молиявӣ ба занон имкон медиҳад, ки даромаду харочоти оиларо ба нақша гирифта, роҳҳои афзун кардани даромадро пайдо кунанд. Ҳиссаи занони соҳибкор дар Тоҷикистон зиёда аз 25% ва роҳбарони корхонаҳои хурду миёна тақрибан 15% аз ҳисоби занон мебошад. Ҳамчунин, Барномаи рушди соҳибкории занон то соли 2030 таҳия гардидааст.

- Маслиҳати шумо ҳамчун иқтисодшинос ба занон чӣ гуна аст?

- Ҳама вақт буҷаи оилавиро танзим намуда, харочот ва даромадро идора кунанд. Пули ҷамъшударо дар бонк ҳамчун пасандоз нигоҳ дошта, барои даромади иловагӣ истифода намоянд. Аз гирифтани қарзҳои зиёд худдорӣ намоянд ва пеш аз гирифтани қарз қобилияти пардохтпазирии оилаашонро таҳлил кунанд.

Усмон РАҲИМЗОДА



ХУШОМАД НАЗАНЕД ВА ТАМАЛЛУҚ НАКУНЕД!

Насиҳати Ҷалол Икромӣ ба Маъруф Бобоҷон

Нависандаи халқии Тоҷикистон Маъруф Бобоҷон 80-сола шуд. Номбурда 3-юми ноябри соли 1945 дар деҳаи Рӯмони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шуда, соли 1967 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Дар Кумитаи телевизион ва радио, Маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Идораи ҳифзи ҳуқуқи муаллифони назди Шурои вазирони Тоҷикистон фаъолият кардааст. Муаллифи маҷмӯаи қиссаву ҳикояҳои «Хишти аввал» (1971), «Шаби охирин» (1978), «Ҷуфти кабӯтар» (1981), «Боғи умед» (1989), «Тавба» (2010), романҳои «Умеди вопасин» (2012), «Қасами Гиппократ» (2020) ва ғайра мебошад. Устод Маъруф Бобоҷон ба майдони адабиёт бо фотеҳаи нависандаи бузурги тоҷик Ҷалол Икромӣ ворид шудаанд. Бинобар ин, суҳбате, ки бо эшон дар арафаи 80-солагишон доштем, бештар аз Ҷалол Икромӣ буд…

- Устоди азиз, шумо дар суҳбату суханрониҳоятон аз нависандаи забардасту тавонои тоҷик Ҷалол Икромӣ зуд-зуд ёд меоред. Ошноии шумо бо эшон кай ва чӣ гуна сурат гирифтааст?

- Банда ҳанӯз дар давраи донишҷӯӣ ҳикояҳо менавиштам ва як қисми онҳо дар матбуоти даврӣ - «Пионери Тоҷикистон», «Машъал», «Комсомоли Тоҷикистон» ва ғайра чоп мешуданд. Аммо, вақте дар курси панҷум повести «Шаби охирин»-ро навиштам, ҷуръат карда, ба маҷаллаи «Садои Шарқ» бурдам. Кормандони масъули маҷалла, аз ҷумла котиби масъули он Юсуфҷон Акобиров фаҳмониданд, ки асарҳои нисбатан калонҳаҷмро бояд аввал адибони номдор мутолиа кунанд ва дувум, онро дар маҷлиси якҷояи ҳайати таҳририяи маҷалла ва Шурои насри Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон муҳокима мекунанд ва агар мусбат арзёбӣ шавад, сипас дар маҷалла ҷо меёбад. Аз ҷумла, пешниҳод карданд, ки аз назари устодон Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигарон гузаронам. То ин дам устод Аминҷон Шукӯҳӣ повестро хонда, писандида, ҳамзамон, барои боз ҳам беҳтару суфта кардани забонаш маслиҳатҳо доданд. Ман нишонӣ ва рақамҳои телефони манзили зисти устодон Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромиро навишта гирифтам. Қисса кӯтоҳ, нахуст ба устод Сотим Улуғзода занг задам. Чун ҷавоб надоданд, ба устод Ҷалол Икромӣ занг задам. Ҳамсари устод Икромӣ - Ходими хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷикистон Саодатхон гӯширо бардошта, аз рафтани шавҳарашон ба Москва - Хонаи эҷодиёти Переделкино бо мақсади эҷоди роман хабар доданд ва гуфтанд, ки шояд баъди се моҳ баргарданд. Ман бо дили пурумед бо номачае ҷузвгири повестро ба устод Икромӣ ба Москва фиристодам. Ин охири моҳи январи соли 1969 буд. 7-уми феврал аз устод чунин нома гирифтам:

«Рафиқи ҷавонам, Маъруфҷон!

Повести шумо «Маҳтобшаб» (Повест аввал чунин ном дошт) кайҳо расида буд, аммо ман гумон кардам, ки маҷмуаи ҳикояҳоятонро барои сарсухан навиштани ман фиристодаед ва бинобар он, азбаски кор бисёр буд, онро накушода монда будам, ки дар фурсати муносиб кушода, сарсухан навишта мефиристам. Имрӯз мактуби шуморо Шавкат Ниёзӣ аз Переделкино оварда дод. (Ман аз якуми феврал дар Москва ҳастам). Аз мактуб фаҳмидам, ки он папка повест будааст ва кушода, мактуби дар он бударо хонда, хеле хиҷил шудам: ҳам аз худам ва ҳам аз Юсуфҷон! Ман ҳозир ба номи вай як хати сахт навишта мефиристам, агар он ҳам таъсир накунад, баъд ба Союз, ба Цека менависам. Вақте ки масъала ҳал шуд, сарсухан лозим шуда монд, ба ман хабар диҳед, зуд навишта мефиристам. Повестатонро аз пагоҳ сар карда мехонам. Ман бисёр хурсандам, ки шумо ба баъзе номаъқулиҳои касон аҳамият надода, ба кори эҷодиатон давом медиҳед. Нағз! Асло суст наоед, ки бой медиҳед. Ман ба ояндаи шумо боварӣ дорам. Ҷасур бошед, ба касе хушомад назанед ва тамаллуқ накунед (дар он қатор ба ман ҳам!). Фақат ба худатон ва эҷодиётатон, ба меҳнат ва коратон такя кунед. Забондароз ва ифтихорманд бошед, то ки ҳамаи ин хислатҳоро ба қаҳрамонҳои мусбати асарҳоятон дода тавонед.

Агар журналро фиристода бошед, ман хурсанд, вале агар ба адреси «Переделкино» рафта бошад, намедонам, чӣ мешавад?! Акнун ба адреси: Москва, В-311, ул. Первая Строительная, дом. 4, корп. 3, кв. 45.

Ба рафиқ Шукӯҳӣ ва дигарон салом.

Бо салом Ҷ. Икромӣ

7-уми феврали соли 1969».

Хушбахтона, устод повестро хонданд ва он таҳти унвони «Шаби охирин» дар шумораи №11-уми маҷаллаи «Садои Шарқ» дар соли 1970 бо пешгуфтори устод чоп шуд.

- Нахустин китоби ҳикояҳоятон соли 1971 дар нашриёти «Ирфон» таҳти унвони «Хишти аввал» бо сарсухан ва фотеҳаи Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ ба табъ расида буд. Аҳли илму адаб нек медонанд, ки устод Икромӣ ба ҳар китоби адиби ҷавон сарсухан навиштаю дар ҷодаи пурмасъулияти нависандагӣ фотеҳаи «роҳи сафед» намедодаанд. Ин бахт ва шарафи бузург чӣ гуна муяссар гардид ба шумо?

- Бо устод Ҷалол Икромӣ аз наздик шинос набудам. Тавре ишора кардам, ба василаи номанависӣ шинос шудем. Соли 1969, вақте аз Москва баргаштанд, бори нахуст хабаргирӣ рафта, бевосита шинос шудам. Чун дар аксҳояшон, пирамарди ситорагарм, ботамкину ширинсухан ва меҳрубоне будаанд. Ҳар дафъа, ки ба хабаргирӣ мерафтам, ҳатман сари дастархон даъват мекарданд. Ҳангоме ки чопи китоби нахустини ҳикояҳоям пеш омад, устод пешгуфтор навиштанд.

- Алҳол мактубҳои ин нависандаи шаҳирро дар бойгониатон нигоҳ медоред, ки то ҳол ба хонанда нарасидаанд. Он номаҳо чӣ арзиш доранд?

- Номаҳои устод на он қадар зиёданд, даҳ-дувоздаҳ нома дар дасти ман ҳастанд. Дар он номаҳо аз ҳикояву повестҳоям баъди хондани устод сухан рафтаанд. Соли 1990 ба гапи баъзе рафиқон даромада (афсӯс), дар маъракаи сиёсии пешазинтихоботӣ ширкат кардам. Он вақт дар баробари дигар ёру дӯстон шодравон Ҷалол Икромӣ ҳам маро ҷонибдорӣ карда буданд ва таҳти унвони «Ман ифтихор дорам» ба интихобкунандагон муроҷиатнома ҳам навишта буданд.

- Ҳар гоҳе, ки дар бораи шахсияту хидмати устод Ҷалол Икромӣ ҳарф мезанем, ҳамеша асарҳои бузургу оламгирашон пеши назар меоянд. Рӯзгор ва эҷодиёти эшон ба нависандагони ҷавони имрӯзамон чӣ сабақ дода метавонад?

- Албатта аз рӯзгор ва асарҳои бешумори устод Ҷалол Икромӣ сабақи зиёд метавон бардошт. Сабру таҳаммул ва заҳматписандии устод чун сифатҳои хоса шахсан ба ман намунаи ибрат буданд. То ҷое, ки медонам, бисёр асарҳо мехонданд, хоса асарҳои адибони машҳури Аврупоро. Ба назми оламгири форсу тоҷик низ муҳаббати беандоза доштанд. Рӯйи ҷевончаи назди кати хоб як китобе доштанд бо ҳуруфи арабӣ, ки дар як саҳифааш ғазали Саъдӣ ва дар саҳифаи дигараш ғазали Ҳофиз омадааст. Одаташон ин буд, ки пеш аз хоб аз он китоб чанд ғазал мехонданд. Дар асарҳояшон пораҳои шеърӣ истифода мекарданд.

- Мегӯянд, ки устод Икромӣ асарҳояшон, ҳатто мақолаҳояшонро ба хати арабӣ менавиштанд…

- Бале. Аз ҷумла, дар ҳошияҳои ҳикоя ва ё повестҳоям устод аксаран бо ҳуруфи арабӣ ишораҳо мекарданд. Дар ҳоли зарурат ба кириллӣ ҳам менавиштанд, лекин чун арабӣ на бо тезӣ, балки оҳиста. Аз ин сабаб, агар аҳамият диҳед, дар кириллӣ ҳар ҳарфро аксар алоҳида менавиштанд ва аз ин сабаб тезтар хаста мешуданд, бо ҳуруфи арабӣ бошад, соатҳо бо майли тамом эҷод мекарданд.

- Медонем, ки шумо тез-тез барои аёдат ва дидорбинии устод ба ҳавлиашон мерафтед. Дар бораи муҳити хонаводагиашон чанд ҳарфе бигӯед.

- Устод бо ҳамсарашон Саодатхон ва фарзандону наберагон хушмуомила ва ғамхору меҳрубон буданд. Ба устод тани сиҳату хотири ҷамъ даркор буд, ки ҳамарӯза эҷод кунанд. Соле то чор-панҷ моҳ дар хориҷа, дар хонаҳои эҷодиёти нависандагон бо роҳхати ройгони Хазинаи адабӣ мезистанд ва ба навиштани романҳо машғул буданд…

- Гуфта будед, ки ҳатто ба тӯйи хонадоршавиатон бо ҳамсарашон Саодатхон Икромӣ омада, барояшон нӯшбоди хотирмоне гуфтаанд?

- Он замон дар радиои ҷумҳурӣ кор мекардам. Ҳамсари ояндаам донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон буд. Бо ҳамсарам 26-уми сентябри соли 1969 дар Душанбе расман никоҳ карда, қарор додем, ки тӯйи комсомолиамонро 4-уми октябр дар ҳавлии падарӣ, дар Рӯмон, ҷамоати Унҷии Хуҷанд мегузаронем. Устод Аминҷон Шукӯҳӣ, Ҷалол Икромӣ ва Боқӣ Раҳимзодаро ба тӯям даъват кардам. Устод Шукӯҳӣ аз сабаби ширкат дар маҷлиси навбатии Бюрои КМ натавонистанд ширкат кунанд, вале устодон Ҷалол Икромӣ ва Боқӣ Раҳимзода даъватро пазируфтанд...

Омадани шахсони муътабари ҷумҳурӣ дар деҳа ҳангома шуд. Албатта, чун дар ҳамаи тӯй ва ҷашнвораи адибони ҷумҳурӣ баранда ва соқии тӯй устод Боқӣ Раҳимзода буданд...

Устод Ҷалол Икромӣ, ки бо ҳамсарашон омада буданд, ба ифтихори хонадоршавиам соате ҳадя оварданд, ки дар як гӯшаи он навишта буданд: «Тӯй муборак, Маъруфхоҷа! Хушбахт шавед! Ҷалол Икромӣ. 04.10.1969».

- Дар як суханрониатон гуфтед, ки Ҷалол Икромӣ дар палавпазӣ маҳорати баланд доштанд. Аз палави он кас оё боре тановул кардаед?

- На як бору ду бор, балки борҳо. Вақти аз дег палав кашидан ва ҳангоми палав хӯрдан устод бо мамнуният мегуфтанд: «Марҳамат кунед, ин хел палави бомаззаро бобоятон нахӯрдаанд». Воқеан, палавашон таъму маззаи хос дошт, ки то имрӯз фаромӯш намекунам. Гоҳо, маро диданӣ бошанд, занг мезаданд: “Барои нисфирӯзӣ палав мепазам, биёед!”... Палав баҳона, ҳам ба дидори якдигар мерасидем ва ҳам дар бораи адабиёт ва зиндагӣ суҳбатҳо мекардем.

(Давомаш дар саҳ. 10)

БАРГУЗОРИИ НАМОИШГОҲИ ТАЪЛИМИИ КОЛЛЕҶҲОИ КАСБИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР ДУШАНБЕ

29-уми октябри соли 2025 дар меҳмонхонаи “Hilton”-и шаҳри Душанбе чорабинии муҳиме оғоз гардид, ки барои ҷавонони тоҷик дарвозаи наверо ба сӯи таҳсилоти босифати касбӣ ва ояндаи дурахшон дар хориҷа мекушояд. Ин чорабинӣ ифтитоҳи нахустин Намоишгоҳи таълимии коллеҷҳои касбии Кореяи Ҷанубӣ дар Душанбе аст, ки баҳри ҷалби таваҷҷуҳи ҷавонон ба касбҳои муосир равона шудааст.





Намоишгоҳи мазкур бори аввал доир шуда, ҳадафи он ошно кардани ҷавонони болаёқати тоҷик бо низоми пешрафтаи таҳсилоти касбии Кореяи Ҷанубӣ мебошад.

Дар ин намоишгоҳ беш аз 10 коллеҷи бонуфузи касбии Кореяи Ҷанубӣ ширкат варзиданд. Роҳбарон ва устодони ин муассисаҳо мустақиман бо донишҷӯён ва хоҳишмандоне, ки орзуи таҳсил кардан дар Кореяи Ҷанбуриро доранд, мулоқот намуа, ба саволҳои онҳо оид ба шароити таҳсил, раванди дохилшавӣ ба коллеҷҳо ва имкониятҳои баъди хатми таҳсил дар ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ посухҳои қонеъкунанда доданд.

Зикр кардид, ки таҳсил дар Кореяи Ҷанубӣ бо тамаркуз ба технологияҳои инноватсионӣ, сифати баланди таълим ва пайванди қавии истеҳсолот дар саросари ҷаҳон эътироф шудааст.

Аз суҳбат бо иштирокчиёни намоишгоҳ маълум шуд, ки довталабони тоҷикро бештар соҳаҳои зерин ҷалб кардааст:

- технологияҳои иттилоотӣ (IT) - барномасозӣ, амнияти киберӣ, таҳияи бозиҳо ва нармафзор;

- муҳандисӣ ва истеҳсолот - робототехника, электроника, мошинсозӣ ва назорати сифат;

- тандурустӣ ва зебоӣ - парастории, физиотерапия ва косметологияи муосир;

- идоракунӣ ва хизматрасонӣ - менеҷменти туризм, меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо;

- дизайн ва санъати тасвирӣ - дизайни графикӣ, мӯди муосир ва аниматсия.

Барномаи таҳсил дар ин коллеҷҳо, чуноне ки дар намоишгоҳ таъкид шуд, 3 солро дар бар мегирад, як сол барои омӯзиши забон ва 2 соли дигар барномаи асосии таҳсили касбӣ. Зикр гардид, ки баъди хатм донишҷӯён имкон пайдо мекунанд дар ширкатҳои бонуфузи Кореяи Ҷанубӣ кору фаъолият намоянд.

Муовини якуми вазири маориф ва илми Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар суханронии хеш Намоишгоҳи мазкурро барои тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Кореяи Ҷанубӣ муҳим арзёбӣ карда, онро пули боэътимод барои ҷавонони тоҷик, ки мехоҳанд дар ин кишвар таҳсил кунанд, арзёбӣ намуд.

Сафири Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон Ҷон Сонг Шик баргузории намоишгоҳро далели равшани таҳкими муносибатҳои ду кишвар дар соҳаи маориф номид, ки солҳои охир мунтазам рушд мекунад. Ба иттилои сафир, айни замон зиёда аз 350 нафар донишҷӯёни тоҷик дар зинаҳои гуногун (бакалавриат, магистратура ва курсҳои забон) дар ин кишвар таҳсил мекунанд, ки ин далели таваҷҷуҳи ҷавонони тоҷик ба коллеҷу донишгоҳҳо ва умуман низоми маорифи Кореяи Ҷанубӣ аст.

Рухшона НОРОВА,
рӯзноманигор

ХУШОМАД НАЗАНЕД ВА ТАМАЛЛУҚ НАКУНЕД!

(Аввалаш дар саҳ. 9)



Бо устод то ба ин дараҷа наздик шудани ман баъди як воқеаи муҳим оғоз ёфт. Охирҳои солҳои 70-уми асри гузашта, рӯзи якшанбе субҳ устод ба ман занг заданд ва хоҳиш карданд, ки агар вақти холӣ дошта бошам, як сари қадам ба хонаашон равам. Рафтам. Гуфтанд, ки чанд вақт боз ба сабаби гузаштани хунукӣ шикамашон варам карда, духтурон илоҷи онро наёфтаанд, ҳарчанд чандин дорувориро истеъмол кардаанд. Як ҳафта пеш Разиюллоҳ Абдуллозода аз Истаравшан барои ҳолпурсӣ занг зада, аз бемориашон шикоят мекунанд. Он гоҳ Абдуллозода кӯрморро ба дарди варами шикам марҳами як ба як гуфта, бо як шиносаш ҳамин кӯрморро фиристодааст. “Ману янгамуллоятон аз уҳдаи куштани ин кӯрмор намебароем. Чӣ мешуд, ки ин ҷонварро шумо куште медодед?” – гуфтанд устод.

Ман дар умрам ғайр аз чанд хурӯс дигар ҷонвареро накушта бошам ҳам, дарҳол розӣ шудам, зеро ба устод кумак кардан мехостам. Ба розӣ шудан розӣ шуда, акнун ба хаёл рафтам, ки бо кадом роҳ морро бояд куштва то чойи пиёлаи дувумро нӯшидан, хушбахтона, ман роҳи онро филфавр барои худ муайян кардам. Хонандаи арҷманд агар романи «Қасами Гиппократ»-и маро хонда бошад, Самади Қош барои қудои бемораш Ашрафбек Давлатзода кӯрмор мефиристад. Писари духтур бо кадом роҳ кӯрморро мекушаду ба докаи чандқабата печонида, барои дар оташи паст ҷӯшондан ба деги нимаоб меандозад. Устод чун аз нақшаи пешакиам огоҳ шуданд, шод гашта, маро кордон гуфта, сифат карданд. Саҳеҳаш, чанд даҳсола пеш кӯрморкушиам барои савобу кори хайр вақти таълифи ин роман ба ёдам омаду онро бо майли тамом истифода кардам.

- Охирин дидоратонро бо устод дар хотир доред?

- Солҳои аввали истиқлол солҳои мудҳиш буд. Риштаҳои дӯстӣ канда ва рафтуомадҳо барҳам хӯрданд. Ҳама аз пайи ҷони худу аҳли оилаи худ буданд. Охирин вохӯрӣ ва дидори ман бо устоди арҷмандам пеш аз соли нави мелодии 1993 буд. Он вақт саломатиашон бад набуд. Вақтҳои охир як орзу доштанд ва ҳар замон такрор мекарданд: «Худованд умр медода бошад, бо чор ишкели бутунаш диҳад, вагарна як рӯз ҳам хобонда намонад»...

- Боз кадом лаҳзаи дилнишинро ба хотир оварда метавонед?

- Лаҳзаҳои дилнишин бо устод бисёранд. Танҳо яктоашро ба хотир меорам. Аввали моҳи октябри соли 1970 Даҳаи адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Литва баргузор гардид. Маро Қумитаи телевизион ва радиошунавонии ҷумҳурӣ чун мухбир ба ин маърака фиристод. Дар он ҷо, дар Литва маро ба гурӯҳе ҳамроҳ карданд, ки аз ҷумла устод Ҷалол Икромӣ ва Муҳиддин Фарҳат буданду Муъмин Қаноат чун раиси Иттифоқи нависандагон. Дар сарҳади ҳар шаҳру ноҳия моро бо гулу гулдаста, ҳадя ва албатта, бо финҷонҳои нимлитраи калони пиво - оби ҷав бо тантана пешвоз мегирифтанд... Воҳӯриву суҳбатҳо бо дараҷаи олӣ мегузаштанд. Рӯзи охир, баъди субҳона эълон карданд, ки имрӯз универмаги сеошёнаи шаҳри Вилнюс танҳо барои меҳмонони Тоҷикистон хидмат мекунад. Ҳама шоду хурсанд миёнҳоро мустаҳкам баста, ба мағоза давиданд. Аз ҷумла, ман ҳам рафтам. Ба писарчаи навзодам парпечу куртаю эзорчаҳо харидам, ки дар Душанбе набуд ё камчин буд. Устод Ҷалол Икромӣ хариди маро дида, гуфтанд: “Чаро ақаллан якто қолин нагирифтед? Намебинед, бачаҳои мо ҳар кадоме ду-сетоӣ гирифтаанд?”. “Ба онҳо насиб кунад, вале кисаи ман холӣ шуд”,- гуфтам рӯирост.

Амр карданд, ки аз пасашон равам. Дар назди шуъбаи қолинфурӯшӣ бозистода, ба қолинҳои бешумори ба деворҳо овехта ва ба замин густурда нигариста, ниҳоят якеро, ки гулҳояш майдаву рангаш баланд буд, интихоб карда, ба фурӯшанда амр доданд, ки онро печонад. Баъд ҳамёнро аз кисаи костум берун оварда, аз он яксаду ҳаштод сӯм ба сӯям дароз карданд. “Кадом вақт, ки пулдор шудед, ба ман бармегардонед...”,- гуфтанд.

Ҳамин тавр, ба шарофати устоди зиндаёдам дар қатори дигар ҳамдиёрон ман ҳам аз Вилнюс қолини нав гирифта, ба Душанбе омада будам, ки он чун ёдгор аз эшон то имрӯз дар девори хонаи писари калониам Манучеҳрхон овезон аст.

- Устоди азиз, дар фароварди суҳбат шуморо бо мавлуди 80-солагиатон шодбош мегӯем!

- Ташаккур!

Суҳбатнигор:
Муқимҷон АЛИШЕХОВ,
рӯзноманигор

МАНЗУМАИ КОНСТИТУТСИЯ



Ҷузъи дунёем мо халқи баномуси диёр,
Давлати демократӣ дорему соҳибихтиёр.

Давлати мо дунявӣ ҳасту ҳуқуқбунёд бас,
Рушду озодию аҳком аст моро дастрас.

Дӯстии халқҳо поянда андар марзи мо,
Ҳаст бунёди адолат ҳам шараф, ҳам қарзи мо.

Соҳиби ин давлати мухтор мо, равшанӯфуқ,
Иззату озодии инсону таъмини ҳуқуқ.

Ҳаст ин давлат ягона, сулҳҷӯ, ваҳдатшиор,
Тобеъи марказ, мутобиқ, боматонат, устувор!

Дину мазҳаб ҳаст аз давлат ҷудо: иҷро шуда,
Парчаму гимну нишон машҳур дар дунё шуда.

Зиндагии амн таъмин шуд, набуд ин андаке,
Ҳаст Ҷумҳуру Ватанро маънию аркон яке.

Шуд забони тоҷикӣ аслан забони давлатӣ,
Лафзи русӣ қадру мавқеъ дораду ҳам иззате.

Низ дар гуфтор озод аст ҳар халқе, нигар,
Бо забони хеш карда гуфтугӯ бо якдигар.

Гимну парчам, ҳам нишон ҷо дар дили мо гаштааст,
Халқҳо бо ҳам бародар, бахт эҳдо гаштааст.

Мо, ки узви созмонҳоем дар байналмилал,
Эътирофи шартнома - эътиқод андар амал.

Шаҳри гулбоғи Душанбе пойтахти кишвар аст,
Ин ҳама гулгулшукуфоӣ зи азми Сарвар аст.

Гашта қонуну ҳуқуқ арҷи баланди шаҳрванд,
Нангу виҷдону шараф касро намояд арҷманд.

Ҳаққу озодии инсон арзиши олӣ ҳисоб,
Қадру номусу ҳаёту амн дар Қонункитоб.

Амру озодии ҳар инсон риоят мешавад,
Шаҳрванд аз хавфу ноамнӣ ҳимоят мешавад.

Ҳукмро сарчашма аслан мардуми кишвар бувад,
Раъйпурсӣ маншаи озодии яксар бувад.

Тинҷию сарҷамъии мулканд миллат, халқият,
Эътибору қудрати садчанд дорад ҷамъият.

Як сиёсиҳизб натвонад кунад ин мулк ғасб,
З-он ки ҳар инсон ба давлат бо садоқат гашта насб.

Бад ҷиноят ҳаст ҳар ғасбу тасарруф бо силоҳ,
Раҳбару Маҷлис гирад халқро андар паноҳ.

Ҳаст ҳар як минтақа пайванд бо расму русум,
Нест тақсиме ба сарҳад, ҳам ҳудуду марзу бум.

Манъ тарғиби амалҳои ҷудоӣ ҳаст сахт,
Шаҳрвандонанд бо ҳам дар амону некбахт.

Тибқи Қонуни Асосӣ ҳаст ҳар воҳид ба марз,
Амну таъсису тамомии макону тӯлу арз.

Манъ ҳаст аъмоли зишти ҳизбҳои бадмаром,
Фарз бошад худшиносиҳову худсозӣ мудом.

Дин зи давлат, давлат аз дин аст қонунан ҷудо,
Дар Ватан се шохаи давлат бувад асли бақо.

Гар мутобиқ нест бо мо ҳуҷҷати кулли ҷаҳон,
Бас мувофиқ мефитад бар мо басе меъёри он.

Низ Қонуни асосӣ, ҳам қарору ҳам санад,
Гашта бас меъёри қонуни ҷаҳон моро мадад.

Гар ба Сарқонун бувад билфарз қонунҳои зид,
Он санад омӯхта, гардад бояд аз нав боздид.

Ҷониби сулҳофарӣ самти сиёсат мебарад,
Эҳтироми аҳли олам ҳаст фарҳангу хирад.

Манъ дар кишвар бувад таҳдидҳо, ташвиқи ҷанг,
Ҷовидон моро равобит ҳаст бо ҳамто зи нанг.

Хос шакли иқтисод асту ривоҷи ҷамъият,
Ҳифзи ҳақ аз ҳар ҷиҳат орад ба меҳан манфиат.

Чунки давлатрост хоса ҳам пулу асрори худ,
Харҷу сарфу, гардиши мобайни мол афзуда зуд.

Ҳаст аз давлат фазою обу сарват, ҳам замин,
Ҳам табиат, ҳам тамоми кону маъдан инчунин.

Ҳаққи инсон ҳифз мегардад ба Сарқонун ҳаме,
Манъ гардад, аз кафолат гар шавад берун каме.

Он ки сокин буд дар рӯзи қабули ин санад,
Шаҳрванди кишвар аст ӯ бо қарору мустанад.

Шаҳрвандон таҳти ҳифзи мамлакат гиранд қарор,
Чораю тадбир баҳри доданаш н-ояд ба кор.

Ҳар касе аз хориҷ аз мо гар панаҳҷӯӣ кунад,
Давлат аз баҳри ҳимоят муҳри амнаш мезанад.

Ҳар яке бошад баробар назди қонун, пеши суд,
Бишканад тартиб, н-ояд бар зану бар мард суд.

Ҳар киро қатъи назар аз миллату ҷинсу забон
Ҳифз бо дину нажодаш мекунад давлат, бидон.

Ҳар яке ин ҷой дорад пурра худ ҳаққи ҳаёт,
Ҷурми вазнин гар кунад, аз суд кай ёбад наҷот?

Ҳар яке дорад кафолат ҳар замон аз ҳифзи суд,
Ҳаққи дидан дорад аз парвандаи аъмоли худ.

Шуд дахлнопазире хонаву маъвои кас,
Нест мумкин хона бо таҳдид кардан дастрас.

Аз барои ҷабр дида ҳатмӣ ҷуброни зарар,
Ҳар ки ҷурме бошадаш, подош ҳам ҳаст он қадар.

Ҳаст маҳрам ҳар мукотиба, паёму гуфтугӯ,
Бе иҷозат нисбати ҳар шахс кардан ҷустуҷӯ.

Шаҳрвандонрост ҳаққи ҳиҷрату зисту маҳал,
Рафтану ҳам бозгаштан, сайру ҳаргуна амал.

Ҳарки битвонад ба ҳар дине намояд пайравӣ,
Ҳам ба ҳар як урфу одат, расму оин дилқавӣ.

Ҳар яке дорост, созад дар сиёсат иштирок
Ҳамчу хизматчии давлат боядо бо дасти пок.

Ҳар киро манъ аст маҷбурӣ намудан ҷалби кор,
Ҳар чиро қонун нафармояд, надорад эътибор.

Шаҳрванд аз синни ҳаждаҳ ёфт ҳаққи интихоб,
Номукаллаф ҳаст бар суд ӯ, намесозад шитоб.

Ҳаст ҳаққи шахс дар маҷлис шавад гирдиҳамой,
Дар намоишҳову раҳпаймоӣ амн ояд ба ҷой.

Нашру табъ озоду ҳам озодӣ ҳаст андар сухан,
Қатъиян манъ аст буҳтон нисбати халқу Ватан.

Номи ахборе, ки доро ҳаст бар сирри ниҳон,
Дастрас набвад, нагардад ҳар касе аз он аён.

Аз азал бар молу мулк орад ҳақи мерос кас,
Чун зарар орад касе, ҷуброн ҳамебояд зи пас.

Чунки ӯ аст оила, аслан ҳам асоси ҷамъият,
Марду зан доранд андар будани он манфиат.

Мард ё зан чун расад як рӯз бар синни никоҳ,
Мешавад бо ақд бастан бахти онҳо ифтитоҳ.

Ҳаст моро имтиёзи ройгон аз кори тиб,
Аз саломат ҳар яке то ин ки гардад бонасиб.

Ҳаст бахри пиру ҳам бемору маъюб имтиёз,
Камбизоатро мадад давлат кунад, дорад ниёз.

Ҳикмату фарҳангу эҷоду ривоҷи маърифат,
Тарбия, таълим ҳатмӣ дар умум аз ҳар ҷиҳат.

Моли зеҳнӣ ҳаст таҳти ҳифзи қонун ҳар замон,
Чунки маҳсулест, ояд аз вуҷуди ҷисму ҷон.

Ҳаркӣ Сарқонун бидонад неку ҳам меъёри он,
Нест истиснои посух дар ҳади изҳори он.

Модару кӯдак фақат бояд ки ғамхорӣ шаванд,
Чораю тадбири он аз давлат ояд арҷманд.

Манъ бошад ҳар тариқа кори вазнин бахри зан,
Чунки дорад он зарар аз рӯи илму фазлу фан.

Беш бошад музди меҳнат боядо ҳадди ақал,
Ҳар киро корест, дар муздаш намебояд халал.

Ҳаққи манзил ҳар яке дорад ҳаме андар ҳаёт,
Босифат созанд ҳар шакле, ки бахшояд нишот.

Рӯзгор аз кас бихоҳад ранҷу меҳнат, касбу кор,
Ҳаст лозим ҳар якеро, то биёбад эътибор.

Истироҳат, солимӣ ҳар дам бувад бар кас муҳим,
Ҳар яке бояд ки бошад нек дар ҷое муқим.

Ҳар яке омода бо ҷон аст бар ҳифзи Ватан,
Баҳри хизмат обу тобу қудрату зӯри бадан.

Ҳифзи кишвар ҳаст қарзи ҷонии ҳар шаҳрванд,
Ҳар ҷавоне қадри ин бояд бидонад арҷманд.

Ҳифзи муҳит, ёдгориҳост саҳми ҳар яке,
Нақши худ бояд гузорӣ бешумору андаке.

Ҳаст ҳатмӣ додани андозу ҳам боҷу хироҷ,
Харҷи буҷа мешавад, ин ҳаст аз баҳри ривоҷ.

Фавқулода ҳолате ногоҳ гар ояд ба пеш,
Пешво ӯро кунад тамдид бо фармони хеш.

Маҷлиси Олӣ мақоми олии қонунгузор,
Узви он Маҷлиси миллӣ ҳам вакили бурдбор.

Интихоби Маҷлиси миллӣ шавад аз чор як,
Пешво таъйин намояд ҳар якеро як ба як.

Муҳлати кори вакил ояд зи баъди панҷ сол,
Бошад андар бандубасти ҳалли қонунҳо фаъол.

Маҷлиси миллию ҳам маҷлиси намояндагон
Ҷамъ оянд аз барои кору қонун ҳар замон.

Ҳаст маҷлис бо вакилон доимо андар амал,
Чунки касбӣ ҳаст, чандин масъала созанд ҳал.

Маҷлиси олӣ гаҳе пӯшида ҷамъомад кунад,
Баҳри ҳалли мушкилоте дур аз раҳ сад кунад.

Чун Президент бошад сарвари ҳокимият,
Ҳар якеро ҳаққи таъйин дораду ҳам таҳният.

Пеш аз иқдом Сарвар мекунад савганд ёд,
Уҳдаҳо, ҳам нав кафолатҳо ба худ гирад зиёд.

Чунки Сарвар мешавад бар садри олӣ интихоб,
Ҳини савгандаш бимонад даст бар Қонункитоб.

Чун зи рӯи ин бигашта Раҳбари мо интихоб,
Дар сиёсат Пешво шуд Сарвари олиҷаноб.

Худ Президент самту раҳ муайян мекунад,
Халқро даъват ба самти роҳи равшан мекунад.

Саргаҳи таъйини мансабҳо ба ҳар садру вазир,
Қуввати хурду бузургу такягоҳи ҳар кабир.

Ҳам вазиру сарвазир ин ҷо ҳукумат мешаванд,
Ин ҳама бар амри Сарвар дар итоат мешаванд.

Аз мақоми давлатӣ то бар мақомоти маҳал
Дар деҳу шаҳру вилоят карда хуш бо ҳам амал.

Садри олӣ садри аъзам ин Президенти мост
Раҳбару Сарвар ба халқ аст, он ягона Пешвост!

Иқтисоду рушд, фарҳангу маориф ҷобаҷо,
Ҳам забону расму оин, урфу одатҳо зи мо.

Қисми қонуни асосӣ ҳаст доду ҳукму Суд.
Ҳар қарор аз адл оранду адолат беҳудуд.

Суди олӣ, суди қонуни асосӣ, иқтисод,
Ҳар яке бо ҳукми худ дар ҷамъ бошад иттиҳод.

Суд дар кораш ба Сарқонун итоат мекунад,
Дар қарори худ адолатро риоят мекунад.

"Қатл мумкин нест бояд авф кардан", ин аён,
Судро ҳаст ин сухан, ту ҷойи вергулро бидон.

Ҳар ки дар ҳифзи ҳуқуқаш мешавад давлат кафил,
Чунки адвокат дар ин кору амал дорад далел.

Ҳифзи қонун карда бас воло бувад Прокурор,
Баҳри ҳар иҷрои ҳукм ӯ мебарорад худ қарор.

То риоя беҳ шавад қонуну иҷрояш дақиқ,
Худ ваколатдори он бошад прокурор аниқ.

Сохтору шакли кишвар ҳаст тағйирнопазир,
Ҳаст арзу буму шаҳру кӯҳу дашташ беназир.

Ганҷи Сарқонун бувад иқдоми неки Пешво,
Халқи кишвар гашта бас бо раъйпурсӣ ошно.

Се маротиб матни Сарқонуни мо тағйир кард,
Суфта гашту пурра гашту халқ хуштақдир кард.

Шуҳрати мо шуд зи Сарқонун андар Созмон,
Ҳаст моро чун замину марзу буму осмон.

Ҳаст моро дар сиёсат сабки дарҳои кушод,
Дар тиҷорат ҳам ба ҳиҷрат ҳаст моро гиру дод.

Матни Сарқонун гузорад нақшаи ояндаро,
Баҳри ҳар як фарди кишвар ғояи пояндаро.

Ҳомии Қонуни мо бошад ба кишвар Садри он,
Ҳам кафили ҳаққи инсон, эътибору қадри он.

Ҳаркӣ дорад шаъну номусу виқору нангу ор,
Дар амал иҷро кунад фармуди онро устувор.

Бод Сарқонун ба руйи мизи ҳар як хонадон,
То бихонему бидонемаш маъонӣ ҳар замон.

Эй Ниҳонӣ, ҳаст ин сон шарҳи Сарқонун зарур,
Ҳаркӣ омузад, бигардад аз хатову айб дур.

НИҲОНӢ



IRS: ОМОДАГӢ БА МАВСИМИ САРМО ҶИДДИВУ ЗАХИРАИ МАВОДИ ЗАРУРӢ КОФИСТ

Аз маълумоти воситаҳои ахбори омма, сомонаи филиали ширкат ва саҳифаи он дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавон хулоса кард, ки ҳолати омодагӣ ба мавсими сармо хеле беҳтар аст. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24-соатаро талаб менамояд. Дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он мушкилии зиёд рӯи кор меояд.

Агар бо мусоид гардидани обу ҳаво дар фаъолияти IRS таъмири тачдиди роҳ мақоми меҳварӣ касб кунад, дар мавсими сармо таваҷҷуҳи масъулин ба рафъи пайомади тармафарой, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағзиш равона мешавад. Далелу рақамҳо гувоҳи онанд, ки имсол низ мавсими таъмиру тачдиди роҳ бо нишондиҳандаҳои арзанда ва барзиёд ҷамъбаст гардидааст.

Ҳоло кормандони IRS ба мавсими зимистон омодагии ҷиддӣ дида, дар ин раванд ҳолати техникаву механизм ва захираи маводи зиддилағжишу сӯзишворӣ мадди назар аст. Илова бар ин, кормандон бо сарулибоси зимистона таъмин шуда, барои фаъолияти муназзами онҳо дар ҳаҷми зарурӣ ангишт ва ҳезум дастрас шудааст.

Масъулини IRS хуб дарк кардаанд, ки айёми қаҳратуни сол марҳилаи ҳассос буда, дар сурати сари вақт омодагӣ надидан ба раванди фаъолият монеа хоҳад гашт. Бо ин мақсад Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026” ба тасвиб расида, ҳадафи асосии ҳуҷҷати мазкур омода намудани тамоми соҳаҳо ва шаҳрвандон ба мавсими зимистон маҳсуб меёбад.

Бино ба гуфти масъулин, барои фаъолияти муназзаму пурмаҳсул дар фасли зимистон дар намояндагиҳои филиали Ширкат ним миллион литр сӯзишвории дизелӣ, зиёда аз 17400 тонна маводи зиддилағжиш захира шуда, ин раванд идома дорад. Аз ҷумла, дар намояндагии Варзоб то ин вақт 6500 тонна маводи зиддилағзиш, Зарафшон 5600 тонна ва Суғд 5359 тонна чунин мавод захира шудааст. Бо дарназардошти дар минтақаи аз лиҳози ҷуғрофӣ душвори кӯҳистон ҷойгир будани роҳи Душанбе - Чаноқ, коркарди он бо маводи зиддилағжиш мунтазам, аксар маврид шабона низ бояд амалӣ шавад. Бинобар ин, харҷи ин намуди мавод низ сол то сол тамоюли афзоишро касб кардааст.

Илова бар ин, чарҳҳои резинии зимистонаи мошин ва механизмҳои нигоҳдории роҳ дастрас ва насб гардида, зарфҳои захираи сӯзишворӣ, ки имкони нигоҳдории 535000 литр чунин маводро доранд, баркарор карда шудаанд. Муҳимтар аз ҳама, техникаву механизм филиали Ширкат, ки теъдодашон 242 адад аст, ба мавсими зикршуда пурра омодаанд.

Бамаврид аст ёдовар шавем, ки бо мақсади дар сатҳи баланд пеш бурдани фаъолият тӯли 16 соли мавҷудият 134 иншоот, аз ҷумла, пойгоҳ барои экспертҳо, анбор барои нигоҳдории маводи зиддилағжишу дигар масолеҳ, сеҳҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо, иншооти зиддитармавӣ сохта, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Далелу рақамҳои мазкур, ки дар муқоиса ба солҳои қаблӣ ба таври назаррас афзуда истодаанд, имкон фароҳам меоранд, ки рисолати филиали Ширкат - нигоҳдории роҳ дар сатҳи хуб ва сифати баланд амалӣ гардад.

Дар маҷмуъ, далели раднопазир он аст, ки фаъолияти пурмаҳсули филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар боло рафтани сатҳи хизматрасонии ба бахшҳои роҳу нақлиёт рабтдошта мусоидат намуд, балки андешаи мардумро дар мавриди нигоҳдории роҳ дигар карда, мактаби бузурги андӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ гардид. Бинобар ин, аксар давлатҳои собиқ ИҶШС маҳз ба таҷрибаи IRS, бо дарназардошти модели барои табодули таҷриба арзанда пайравӣ намуданд.



Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

ФАРБЕҲӢ - ХАТАРИ ПИНҲОН БА САЛОМАТӢ ВА ҶОМЕА



Фарбеҳӣ яке аз мушкилоти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки мутаассифона, Тоҷикистонро низ фаро гирифтааст. Ин ҳолат на танҳо ба саломатии инсон таҳдид мекунад, балки ба иқтисодиёт ва самаранокии ҷомеа низ бетаъсир намемонад.

ЧАРО ФАРБЕҲӢ МЕАФЗОЯД?

- Се усули асосии ғизохӯрӣ вуҷуд дорад,- мегӯянд ғизошиносони тоҷик ва таъкид менамоянд, ки бояд ин принсипҳо, ки таъмини нерӯ, таъмини маводи ғизоӣ ва речаи ғизоӣ аст, риоя шаванд.

Сабабҳои гирифтор шудан ба бемории фарбеҳӣ пурхӯрӣ мебошад. Яъне аз меъёр зиёд истеъмол намудани маҳсулоти хӯрокворӣ ва таомҳои дорои миқдори зиёди нерӯ, аз қабили маҳсулоти гӯштии серравған, ширу маҳсулоти ширии равғаннокиашон баланд, шакар, ширинихо, қаннодиҳо.

Дуюм сабаби фарбеҳӣ камҳаракатӣ аст, вақте килокалорияи аз меъёр зиёд ба бадани мо ворид мешавад, ҳаракати лозимиро анҷом намедиҳем ва ин мусоидат мекунад ба фарбеҳӣ. Имрӯз рафтори ғизоӣ иваз шудааст. Агар мо дар қиёс ба 5-10 сол пеш гирем, кам одамоне буданд, ки дар ошхонаҳо хӯрок мехӯрданд, аммо ҳоло занону кӯдакон дар маҷмуъ оилавӣ дар нуқтаҳои тезтаёр, ки аз ғизоҳои таркибашон аз консервантҳо ва маводҳои кимиёвӣ бой аст, истеъмол мекунанд.

Одатҳои номатлуб, ба монанди тамокукашӣ ва аз меъёр зиёд истеъмол намудани машрубот низ омили инкишофи бемории фарбеҳӣ мегарданд.

Дар баробари ин, бемории фарбеҳӣ омили ирсӣ низ дорад. Агар падару модар ба бемории фарбеҳӣ гирифтор бошанд, замина барои инкишофи бемории мазкур дар фарзандони онҳо вуҷуд дорад.


ФАРБЕҲӢ + БЕМОРӢ

Фарбеҳӣ метавонад боиси бемориҳои зиёд, аз ҷумла бемориҳои дил ва рагҳо, диабети қанд, мушкилоти устухон ва буғумҳо, таъсир ба саломатии равонӣ ва дигар бемориҳои узвҳои ҳозима гардад. Дар вуҷуди инсон зиёд шудани равған ба фаъолияти мунтазами узвҳо таъсири манфӣ расонида, дар натиҷа ба бемориҳои гуногун, ки дар боло зикр шуд, оварда мерасонад.

ПЕШГИРӢ АЗ ФАРБЕҲӢ

Пешгирии бемории фарбеҳӣ нигоҳ доштани хоҳишҳои зиёди истеъмоли ин ё он ғизои серравған, гӯштӣ ва ширинӣ маҳсуб меёбад. Пеш аз ҳама шахсе, ки аз фарбеҳӣ ранҷ мекашад, бояд аз хӯрдани хӯрокҳои тезтайёр даст кашад. Зеро, тибқи далелҳои оморӣ, таркиби хӯрокҳои тезтаёр зиёда аз ҳазор килокалорияро ташкил медиҳад. Миқдори шабонарӯзии таъмини ғизо ба организми инсон бошад, 1500 килокалория аст. Дар давоми рӯз шахс бо истеъмоли як хӯроки тезтайёр қаноат накарда, баъди чанд лаҳза дигар намуди ғизоҳоро низ тановул мекунад. Агар дар маҷмуъ меъёри ғизонокиро барои ин афрод ҳисоб кунем, беш аз 2000 килокалорияро ташкил медиҳад, ки ин фишор ба организм ва зарар ба саломатӣ мебошад. Истеъмоли меваю сабзавот, интихоби тарзи ҳаёти солим метавонад ҳар як нафарро аз фарбеҳӣ пешгирӣ намояд.

Саёҳатхон МУРОДИЁН,
табиби оилави шуъбаи 1-и тиби оилавӣ дар МД МСШ №14



ТАБОБАТИ БЕХОБӢ БО АСАЛ ВА ҶУРҒОТ

Аз бехобӣ азият мекашед? Саломатиатон хуб аст, ягон ҷоятон дард намекунад, вале шабҳо ҳеҷ хобатон намебарад? Тамоми шаб аз як паҳлу ба паҳлуи дигар тоб мехӯред? Пас ин матлабро бихонед.

Бехобӣ мушкили хеле ҷиддӣ буда, натанҳо асабҳои касро хароб месозад, балки метавонад боиси сар задани дарду иллатҳои дигар низ гардад. Аз ҳамин хотир, шахсоне, ки мушкили бехобӣ доранд, бояд ҳатман ба духтури асабшинос мурочиат намуда, табобат бигиранд. Барои ором гаштани асаб ва хоби бароҳат ҳар бегоҳ 15-20 дақиқа пеш аз ба бистари хоб даромадан ҳаммом кардан лозим аст.

Имконияти ҳар шаб ҳаммом кардан надошта бошед, пеш аз хоб пойҳоятонро то зону дар оби гарм нигоҳ доред.

Барои рафъи бехобӣ ҳамчунин тавсия медиҳем:

Асал дар баробари хусусиятҳои зиёди табобатӣ доштанаш метавонад дар рафъи бехобӣ низ ёрӣ расонад. Орому бароҳат хобидан хоҳед, шабҳо пеш аз хоб як қошуқ асалро бо як пиёла чурғот омехта карда, нӯши ҷон созед. Чурғот дар ҳазми хӯрок ва кори муътадили меъдаву рӯдаҳо ёрӣ мерасонад, асал бошад, асабро ором месозад ва ҳамин тавр, ҷисми шумо оромиш пайдо карда, оромона сар ба болин мегузоред ва бароҳат мехобед.

Барои аз бехобӣ халосӣ ёфтан аз баъзе гиёҳҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Яке аз чунин гиёҳҳои хобовар фавониё мебошад, ки бештар бо номи русии пион машҳур аст. Миқдоре аз ин гиёҳро ҷӯшонида, обашро полонед ва нӯши ҷон созед. Имконияти дастрас кардани ин гиёҳро надошта бошед, аз маҳлули тайёри фавониё, ки дар дорухонаҳо бо номи “настойка пиона” фурӯхта мешавад, истифода баред. Аз ин маҳлул 20-30-қатрагӣ рӯзе 3-4 маротиба нӯшидан лозим аст.

Тақвими нуҷумӣ



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар оғози ҳафта бо одамон забон ёфтанатон душвор мешавад. Аз ҳад зуд хулосабарорӣ намуда, сухани дигаронро бо шубҳа қабул накунед. Дар хона бо ҳамсар ё наздикон бахс накунед, бехтараш ором бошед.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳафта бароятон пурташвиш мегузарад. Дар оғоз мушкилиҳои пулӣ сар мезананд, эҳтиёт кунед, ки дар хонаатон чизе вайрон нашавад. Қарз нагиред, то мушкил зиёдтар нагардад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта нақшаҳоятон бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳама коратон бо душворӣ пеш меравад. Бо ҳамсар ё ҳамкорон низ нофаҳмӣ имкон дорад. Аз бахсу хароҷоти беҳуда худдорӣ кунед. Аз бозӣ ё сарфи пул барои чизҳои бемаънӣ даст кашед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафта бо заъфи ҷисмонӣ оғоз мешавад. Аз кори зиёд худдорӣ кунед ва бештар бихобед. Меваву витамин хӯред, то қуввататон барқарор шавад. Бо аҳли оила боэҳтиёт бошед, бахсҳо эҳтимол доранд. Миёнаи ҳафта мушкилоти молӣ хуб ҳал мешаванд.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта бехтараш дӯсту дӯстдоштаатонро аз ҳам ҷудо нигоҳ доред. Аз одамони бегона эҳтиёт кунед, шиносҳои нав метавонанд фиребгар бошанд. Миёнаи ҳафта муҳаббататон устувортар мешавад, муносибатҳои оилавӣ гарм мегарданд.



Сунбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта эҳтимол аз ҷониби наздикон меҳру ғамхорӣ набинед. Ҳарчанд душвор бошад, сабур бошед ва бо оромӣ амал кунед. Ба нақшаҳои калон даст назанед ва пули зиёд барои чизҳои нолозим сарф накунед. Миёнаи ҳафта вазъи молӣ бехтар мешавад.



Мизон
25.09 - 22.10

Оғози ҳафта барои шиносоии нав муносиб нест. Эҳтимоли иштибоҳ дар арзёбии одамон зиёд аст. Дар фикр ва қарорҳо шитоб накунед. Сайру сафарро низ ба таъхир гузоред, ки роҳгум задан мумкин аст. Миёнаи ҳафта шиносоии ҷолиб ё муносибати ошиқона имкон дорад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта эҳтиёт кунед, аз кор бо ашёи тез ё оташ худдорӣ намоед. Имкони ҷароҳат бардоштан ё сӯхтан вуҷуд дорад. Пулатонро низ беҳуда сарф накунед. Ба корҳои пинҳонӣ ё дахолат ба зиндагии дигарон машғул нашавед, вагарна мушкил пеш меояд.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар оғози ҳафта ҳамсаратон метавонад рафтори ғайричашмдошт дошта бошад. Бехтараш ба ҷанҷол роҳ надиҳед. Аз одамони асабӣ низ дур бошед. Агар музокирот ё гуфтугӯи корӣ дошта бошед, онро ба баъд гузоред. Охири ҳафта хабари хуш мешунавед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар оғози ҳафта корҳои зиёд ҷамъ мешаванд. Нерӯятон паст мешавад, аз кор каме дурӣ ҷӯед ва истироҳат кунед. Аз муошрати зиёд худдорӣ кунед, одамони манфӣ қуввататонро мегиранд. Миёнаи ҳафта вақти хуб барои оромӣ ва тафаккур аст.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмӣ рух медиҳад. Шояд аз рафтори дӯстдоштаатон ноумед шавед ё маслиҳати дӯстон шуморо нороҳат кунад. Дар кор низ монеаҳои ҷиддӣ пайдо мешаванд, шитоб накунед, сабур бошед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафта барои шумо бо мушкил оғоз мешавад. Шояд шитобкорӣ ё қарорҳои нодуруст мушкил биёранд. Дар хона ва дар кор корҳои зиёд ҷамъ мешаванд, ки асабатонро мефишоранд.

ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ

Ёде аз Ҷонибеки Қувноқ – сафири фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон

Соле дигар гузашту умеди
дигар гузашт,
Оваҳ, ки то шудем хабар,
бехабар гузашт.
Тақвим монд чун қафасе
холӣ аз ҳазор,
Умр аз миёна ҳамчу ҳазоре
ба пар гузашт...
Рашиди Ёсимӣ

Агар зиндагии устод Ҷонибеки Қувноқ (10-уми ноябри соли 1941 - 6-уми ноябри соли 1990) идома пайдо мекард, имрӯз ба зинаи ҳаштоду чорумми умр қадам мениҳод. Мачмуаҳои дар нашриётҳои Душанбе батабърасидаи ашъораш “Қарз”, “Ифтихор”, “Арзи дил”, “Розҳо”, “Зангӯла”, “Саховат” (пас аз маргаш), қиёфаи дӯстпазир, табассуми дилкаш, суҳбатҳои хотирмони ӯ, инчунин хабари мудҳишу ҷонкоҳи фавташ, хусусан, имрӯзҳо ҳар лаҳза ёди моро банд медорад.

Хабари марги бемаҳали устод Ҷонибек дар шаҳри Тошканд, тамоми аҳли деҳаи Поршт ва атрофи онро ба по хезонд. Хурду калон нолаву шеван мекард. Поршт - зодгоҳи шоир, мотам дошт. Оё метавон насӯхт баҳри касе, ки солҳои сол фидокорона барои рушду камоли миллат, халқ, Ватан фидокориҳо зоҳир намудааст? Не, Ҳаргиз! Марг поёни ҳама чиз нест. Ҷонибек, чуноне ки дар дилу дидаи мо ҷой гирифта буду эҳтиромаш мекардем, ҳамчунон ҷой дорад, эҳтиромаш мекунем.

Тавре шоир фармудааст:

Ҳар некниҳод некият
медонад,
Саркардаи хайли ростон
мехонад.
То некию ростӣ дар
олам боқист,
Номи хуши ту вирди
забон мемонад.


Соли 1990, 6-уми ноябр. Дар дафни Ҷонибеки Қувноқ ёру дӯстон, ҳамкорон аз рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ("Овози тоҷик"-и ҳозира) ва намояндагони роҳбарияти ноҳияи Фориш иштирок доштанд. Аз шаҳри Душанбе адибону рӯзноманигорон устодон Лоиқ, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Иноят Насриддин, Давлати Даврон ва Қироншоҳи Шарифзода ба ҷанозаи Ҷонибек омаданд.

Вале бинобар дурии роҳ меҳмонони душанбегӣ каме дертар, ҳангоме расиданд, ки мардум ҷанозаро дафн карда ву аз оромгоҳ беруншавӣ доштанд. Меҳмонон ҳангоми бозгашт аз қабристони деҳа дар хонаи Холибек Қувноқов, омӯзгори забон ва адабиёти руси мактаб, бародари Ҷонибек муддате таваққуф намуданд.

Аҳли деҳа аз дер расидани меҳмонони олиқадр ба ҷанозаи дӯсташон афсӯсу надомат доштанд, вале аз ҷониби дигар, ба Поршт қадам ранҷа фармудани адибони маъруфи тоҷик барояшон боиси ифтихор низ буд, бинобар ин, мӯйсафедону муаллимон бо нияти чанд рӯз меҳмондорӣ кардани онҳо маслиҳат карда, ба меҳмонон пешниҳод намуданд. Чашмони пурмеҳру интизори мизбонон ба сӯйи устод Лоиқ дӯхта шуданд, чун пораштиён аз дӯстиву бародарии шоири ҳамдеҳаашон бо устод Лоиқ огоҳ буданду ифтихор доштанд.

Вале устод Лоиқ, ки то ин дам бо чашмони пурнам хомӯш буду гоҳ-гоҳ зери лаб “эҳ, Ҷонибек, эҳ, Ҷонибек” мегуфт, бо овози шунаво садо даровард:

- Сад ҳайфу дареғ, ки ақалан рӯйи сарди Ҷонибекро надидем... Бе Ҷонибек дар зодгоҳи ӯ чӣ хел истему меҳмон шавем? Ба дил намеғунчад, охир... Мо ният доштем ва ба Ҷонибеки азиз қавл ҳам дода будем, ки ноябри соли оянда дар таҷлили панҷоҳсолагиаш ба Поршт меоем...



Устод Лоиқ пас аз лаҳзае хомӯшӣ идома дод:

- Охир, Ҷонибек фарзанди танҳо Поршт ё Ӯзбекистон нест, балки ӯ шоири тамоми мардуми тоҷик аст, гузашта аз ин, ӯ сафири фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон буд.

Бале, Ҷонибеки Қувноқ хидмат ба миллат, заҳмат баҳри мустаҳкамии риштаҳои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро қарзи фарзандии хеш медонист, чуноне ки дар як шеъраш овардааст:

Ман - бехсӯзи зиллат,
барбоддеҳи иллат,
Як ҷонфидои миллат,
бо ин нишон шиносед!

Шоир орзуву ниятҳои наҷиб дошт. Аммо ҳазор афсӯс! Ҷояш дар муҳити адабии тоҷикони Тошканду Бухорову Самарқанд холӣ монд. Ба ин муҳит ӯ дер омаду зуд рафт. Барквор зист, равшанӣ афканд. Чӣ хуш аст, ки шогирдони арзандаю вафодораш чун Паймон, Абдулло Субҳон, Тоҷибойи Икром корашро давом дода, набудани ӯро маълум намекунанд.

Ёдномаи хешро бо порчае аз шеъри "Ба ёди устод Ҷонибек"-и Абдулло Субҳон ба поён мерасонам:

Аз таппиши монд диле
ду тақсим,
Шаҳпуле байни ду соҳил
бишкаст.
Тоҷик он сӯй хӯрад сад афсӯс,
Ӯзбек ин сӯй басо ғамгин аст.

Собир ЭРГАШЕВ,
омӯзгори собиқадор
аз деҳаи Поршт, ноҳияи
Фориши Ҷумҳурии
Ӯзбекистон

«НОМАИ ЭЪҶОЗ»-И ФАРЗОНА

«Номаи эъҷоз» маҷмӯаест дар нақду баррасии ҷойгоҳи Фарзонаи Хуҷандӣ дар адабиёти имрӯзи тоҷик, ки аз ҷониби нашриёти «Ношир» дар шаҳри Хуҷанд ба нашр расид. Ин китоб (дар ҳаҷми 632 саҳифа) маҷмуаи мақолаҳои соҳибназарон ва аҳли таҳқиқ роҷеъ ба ҷойгоҳи Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона дар адабиёти имрӯзи тоҷик ба ифтихори 60-солагии эшон аст.

Гирдоваранда ва вероишгари ин китоб адабиётшиноси шинохта, доктори илмҳои филологӣ, профессор Матлубаи Мирзоюнус ва банда Субҳони Аъзамзоданд. Ин китоб маҳсули андешаву кори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аст.

Пешгуфтори «Номаи эъҷоз» - «Фурӯғи сухан ва ҷодаҳои таҳқиқ» ба қалами профессор Матлубаи Мирзоюнус навишта шуда ва худи китоб аз ду бахш фароҳам омадааст:

Дар бахши аввал - «Ҷойгоҳи шеър ва ҷаҳони андешаҳои Фарзона дар нақди аҳли таҳқиқ ва адаб» 30 мақола ва дар бахши дувум - «Гулчини мақолаҳои ҳамоиши илмии байналмилалии «Мақоми Фарзона дар адабиёти муосири тоҷик» 75 мақола ҷой ёфтаанд. Муаллифони мақолаҳои «Номаи эъҷоз» аз Инглистон, Олмон, Эрон, Ӯзбекистон, Олмон ва Тоҷикистонанд.



Мақолаҳо дар ин китоб тайи солҳои 1985-2025 аз ҷониби соҳибназарон таълиф шуда ва як бахши дигари маводи ҳамоиши илмии байналмилалие аст, ки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соли гузашта дар 60-умин солгарди Шоири халқии Тоҷикистон устод Фарзона доир кард. Пас метавон гуфт, ки мақолаҳо фосилаи чиҳил соли шаклёфти равандҳои фарзонашиносиро дар илми сухансанҷии мо боз менамоянд. Аввалин мақолаҳо аз устодон Лоиқ Шераливу Сотим Улуғзода ва охиринашон аз магистрантони имрӯзаи донишгоҳ аст.

Субҳони АЪЗАМЗОД,
номзади илми филология

МАВЛУДНОМА

6 НОЯБР

Фотима Аҳмадова (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Владимир Захватов (1955-2021), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Лутфӣ Зоҳирова (1925-1995), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди балет, Артисткаи халқии СССР, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Озод Исломов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Муҳаббат Почоева (1950), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

7 НОЯБР

Усмон Назири Оташ (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос, шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Рустам Салимов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Абдурашид Хӯҷамқулов (1950), 75-солагии зодрӯзи ровӣ, адабиётшинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

8 НОЯБР

Муқим Абдусамад (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Михаил Мухин (1915-1994), 110-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Ӯктам Ҳакимов (1930-1998), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

9 НОЯБР

Қаюм Маҳкамов (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Роҳат Мирсабурова (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, профессор.

Галина Рачинская (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

10 НОЯБР

Ҷӯрабеки Абдуназар (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Ҷонибеки Қувноқ (1940-1990), 85-солагии зодрӯзи шоири тоҷики Ӯзбекистон.

Ӯлмас Мирсаидов (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, академики АМИТ.

Равшан Муҳаммадиев (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Ҷумъахон Сафаров (1955), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

11 НОЯБР

Михаил Варламов (1905-1987), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Давлатхоҷа Довудӣ (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

Шоира Юсуфова (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

12 НОЯБАР

Саодат Олимова (1955), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Владилен Калер (1925), 100-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО
ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтарчаи меҳнатӣ ШО-1 №0070363 ба номи Зиёбеков Азамбек Ҳайдарбекович, ки соли 2017 аз ҷониби Муассисаи давлатии "Маркази миллии тибби ҶТ" "Шифобахш" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсус ба номи Курбоншоева Бихамро РЯМ 3330089895 дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, бе эътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 ба номи Ҳайдари Садаф Ҷавоншер, ки соли 2011 аз ҷониби МТМУ №67 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳрасти рақами 1 г-2154, ки аз санаи 17.07.2017 аз тарафи идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Бобоев Махмадуло Зиёдулоевич тааллуқ дорад, гум шудааст.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Исмонов Кабир Амрохонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавси, м. Сомон 326, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Асадуллоев Маҳмаддавлат Назруллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М.Қосимов, дом 5/4, ҳ. 30, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ инвентарӣ №5567, аз санаи 15.10.2021 ба номи Ғуломов Абдулхалил Ҷумахонович, бо суроғаи н. Варзоб, ҷам. Варзоб-қалъа, деҳаи Пугуз, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш бо реестри №6Д-2307, аз санаи 31.10.1996 ба номи Асадуллоев Маҳмаддавлат Назруллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М.Қосимов, дом 5/4, ҳ. 30, ки дар нотариуси давлатии идораи нотариалии 2-юми ш. Душанбе (государственным нотариусом 2-ой Душанбинской городской государственной нотконторой), ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии гумшудаи соҳибмулк Одинаева Оимгул, ки дар суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ ҷой дорад, бинобар сабаби гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ ҶТ №0092753 ба номи Толибов Билолҷон Дустмуродович, ки аз 21.12.2023 аз ҷониби комиссариати ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳафизова Моҳинав Расуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, м. Сомон 327, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Эргашев Зоирҷон, РЯМ: 0730164417, РМА 075336792 аз санаи 14.04.2018, бинобар сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Маҷидова Фуруғ Маҳмудовна, №0356430, РЯМ: 0430256200, РМА: 046131171, санаи судур 04.04.2018, ки аз нозироти андози ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҷураев Алишер Исмоилович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Авул, хонаи 22, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ашуров Хисрав Бегиҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Авул, хонаи 22, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Хизматрасонии барномаи омӯзиши муҳоҷиратии Корея" №0309472, РЯМ: 0210034743, РМА: 020061097, фаъолияташро қатъ менамояд, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ Абдуллои Нор", РЯМ 0710013325, РМА 070020422 барҳам мехӯрад, ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

► ҶДММ Раҳмат Сохтмон, РЯМ 0710012756, РМА 070019817, санаи таъсис 26.09.2024, барҳам мехӯрад, ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶСП БОНКИ «АРВАНД»

оид ба иҷрои корҳои таъмирӣ ва дастрас намудани молҳои сохтмонӣ озмун эълон менамояд.

Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва дигар тафсилотро метавонед аз Саридораи Бонк, воқеъ дар суроғаи ш.Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 1А, дастрас намоед.

Телефон барои тамос: 92 777 35 02.

Муҳлати ниҳоии супоридани ҳуҷҷатҳо барои тендер: 11.11.2025

ҶСП БОНКИ «АРВАНД»

оид ба омода намудани тақвимҳои деворӣ ва рӯимизӣ барои соли 2026 озмун эълон менамояд.

Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва дигар тафсилотро метавонед аз Саридораи Бонк, воқеъ дар суроғаи ш.Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 1А, дастрас намоед.

Телефон барои тамос: 92 777 35 02.

Муҳлати ниҳоии супоридани ҳуҷҷатҳо барои тендер: 17.11.2025

ЧАРО «ЗОРРО» ?

Даргузашти генерал-полковник Иззатулло Шарифзода

(Аввалаш дар саҳ. 5)

Маҳз дар ҳамин давра ӯ миёни ҷомеа машҳур шуд. Як муддат сардори Хадамоти оташхомӯшкунии Вазорати корҳои дохилӣ низ будааст. Баъдан то замони бознишастагӣ, яъне то соли 2018 генерал-полковник Иззатулло Шарифзода сардори Идораи зиндонҳои кишвар буд.

Дӯстону наздиконаш дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ӯ ҳамчун аз нафари ватандӯст ва фидоӣ ёдоварӣ кардаанд. Рӯзноманигор Сайёфи Мизроб навиштааст, ки достони зиндагии ӯ ногуфта ва нонавишта монд...

ЧАРО “ЗОРРО”?

Генерал-полковник Иззатулло Шарифзодаро дар ҷомеаи Тоҷикистон бо таҳаллуси “Зорро” мешинохтанд. Чаро “Зорро” ? Дар ин бора ҳам маълумоти зиёде дар даст нест. Мегӯянд, ки ин лақаб замони сардори Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе будаанаш ба ӯ дода шудааст ва маҳз ҳамон солҳо ӯ чун “Зорро” машҳур гардидааст.



Адиб ва рӯзноманигори тоҷик Гули Зард ҳам дар бораи генерал-полковник Иззатулло Шарифзода китобе навиштааст, ки онро “Зоррои тоҷик” унвон кардааст.

Гуфта мешавад, ки Иззатулло Шарифзода ҳангоми фаъолият дар вазифаи сардори милитсияи шаҳр бештар бо сарпӯши сиёҳе гаштугузор мекард, ки ба сарпӯши қаҳрамони филми “Зорро” шабеҳ буд. Қаҳрамони ин филм ҳам бо чиноятқорӣ мубориза мебарад. Маҳз ҳамин шабоҳат сабаби “Зорро” тахаллус гирифтани Иззатулло Шарифзода шудааст.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ДАВРИ 21 БА ТАВОЗУНИ ҚУВВАҲО ДАР БОЛОИ ҶАДВАЛ ТАЪСИР РАСОНД

Дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон-2025 даври 21-ум ҳарчанд ягон ҳангомаи бузурге наовард, ба тавозуни қувваҳо дар болои ҷадвал таъсири назаррас расонд. Пас аз як ҳафтаи дигар мусобиқа барои медали тило шуруъ мешавад, ин ҳам дар ҳоле, ки нигарониҳо дар поёни ҷадвал барои «зинда мондан» меафзояд.



Бозии байни «Хуҷанд» ва КМВА бидуни гол, бо ҳисоби 0:0 ба анҷом расид. Дастаҳо дар хати нимҳимоя муборизаи хуб нишон доданд, аммо аз имкониятҳои худ истифода бурда натавонистанд. Барои дастаи Душанбе ин ҳафтумин мусовӣ дар мавсим буд, дар ҳоле ки ин мусовӣ барои «Хуҷанд» далели ноустуворӣ аст, ки ба мавқеи онҳо дар шашгонаи беҳтарин халал мерасонад.

Бозии «Равшан» ва «Вахш» низ муҳим буд, ки он низ бе гол ба анҷом расид. Бо вуҷуди соҳиби майдон будан, дастаи Кӯлоб натавонист пешсафи чемпионатро мағлуб кунад. Ягона мусовии пурсамар дар ин давр дар Хуҷанд буд, ки дар он «Эсхата» ва «Барқчӣ» бо ҳисоби 1:1 бозӣ карданд. Пас аз голи Рихсибоев дар дақиқаи 69-ум мизбонон муддати тӯлонӣ пешсаф буданд, аммо дар вақти иловагии бозӣ аз Ҷамшедзода (90+5) як гол сар доданд. Аз даст додани холҳо барои «Эсхата» дардовар буд, зеро даста натавонист ба сегонаи беҳтарин наздик шавад.

Аммо, «Ҳосилот» мухлисонро шод кард. Пирӯзии 1:0 бар Ҳулбук (голи Акомадӣ дар дақиқаи 57-ум) ба дастаи Фархор имкон дод, ки аз «Регар-ТадАЗ» пеш гузарад ва муваққатан аз минтақаи хатарнок раҳоӣ ёбад. Бозии «Регар-ТадАЗ» бо «Панҷшер» ва «Истаравшан» бо «Истиқлол» ба таъхир гузошта шуд. Ин маънои онро дорад, ки «Истиқлол» бозиҳои зиёде дорад ва бо натиҷаи мусоид метавонанд ба «Вахш» наздик шаванд.

БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГИИ ИСЛОМӢ

ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН БА ШАҲРИ РИЁЗИ АРАБИСТОНИ САУДӢ РАФТАНД

Аз 7 то 21-уми ноябр дар шаҳри Риёзи Арабистони Саудӣ таҳти сарпарастии Ассотсиатсияи варзишии ҳамбастагии исломӣ (ISSA) Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ дар соли 2025 баргузор мешавад.



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 134 нафар намояндагӣ мекунанд, ки аз ҷумла 54 нафар масъулину мураббиён, 7 нафар ҳайати роҳбарикунанда ва 69 нафар варзишгар аз рӯи 12 намуди варзиш ҳастанд.

Варзишгарони тоҷик дар намуди ҷудо, таэквандо, кураш, варзиши сабук, вазнбардорӣ, камонварӣ, тенниси рӯи миз, бокс, куштии озод ва риштаҳои паралимпӣ, футзал рақобат хоҳанд кард.

Ҷудокорон Мадина Қурбонзода ва Эмомалӣ Нуралӣ парчамбардорони Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи 6-умин Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ дар Арабистони Саудӣ хоҳанд буд.

Бори дуюм аст, ки мизбони баргузории ин мусобиқаро Арабистони Саудӣ бар уҳда мегирад. Дар мусобиқаи мазкур варзишгарони 57 кишвар аз рӯи 19 намуди варзиш ширкат мекунанд.

ЛИГАИ ДАЪВАТИ КФО

"РЕГАР-ТАДАЗ" АЗ ГУРӮҲ НАБАРОМАД, АММО 100 000 ДОЛЛАР КОР КАРД

Клуби футболи "Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода дар марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати AFC 2025/26 бо ҳисоби 2-1 аз дастаи "Сафо"-и Лубнон мағлуб шуд.



Ин бозӣ 31-уми октябр дар варзишгоҳи Долен Омурзоқови шаҳри Бишкек баргузор шуд ва бозии ниҳоии байналмилалии дастаи Тоҷикистон дар ин мавсим буд. "Регар", ки дар бозии аввал мусовӣ кард ва дар бозии дуюм мағлуб шуда буд, бидуни имкони идома додани рақобат, аммо бо хоҳиши ба итмом расонидани мавсим бо нотаи баланд, ба майдон ворид шуд. Дастаи Тоҷикистон дар дақиқаи нуҳум ба пеш баромад, аммо, лубниҳо зуд ташаббусро ба даст гирифтанд ва ҳисобро баробар карданд. Онҳо дар қисми дуюм голи дуюмро заданд ва ба пирӯзии ягонаи худ дар мусобиқа даст ёфтанд.

Ҳамзамон дастаҳои "Мурас Юнайтед" (Қирғизистон) ва "Ал-Арабӣ" (Кувайт) дар шаҳри Бишкек бозӣ карданд. Бозии онҳо бо ҳисоби мусовии 1:1 ба анҷом расид ва ин натиҷа мақоми ниҳоиро муайян кард. "Мурас" ва "Ал-Арабӣ" панҷимтиёзӣ доштанд, аммо бо шарофати фарқияти голҳо, клуби қирғизӣ ҷои аввалро ишғол кард ва ба чорякфинал роҳ ёфту 200 000 доллар ҷоиза ба даст оварад. Ширкат дар ин мусобиқа ба "Регар-ТадАЗ" 100 000 доллар оварад.

ФУТЗАЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГИИ ИСЛОМӢ АЗ АФҒОНИСТОН ШИКАСТ ХӮРД

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Пайрав Воҳидов вохӯрии аввалашро дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ дар Арабистони Саудӣ бо бохт оғоз кард.

Шогирдони Воҳидов дар ин мусобиқа дар гурӯҳи "В" бо дастаҳои Афғонистон, Эрон ва Марокаш бозӣ мекунанд. Дар гурӯҳи "А" дастаҳои мунтахаби Арабистони Саудӣ, Ӯзбекистон, Лубнон ва Озарбойҷон қувва месанҷанд.

Бозии якуми дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон бо дастаи мунтахаби Афғонистон буд, ки бо ҳисоби 9:5 ба нафъи афғонҳо ба охир расид. Ширкат дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ барои дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон марҳилаи омодагӣ ба Ҷоми Осиё-2026, ки аз 27-уми январ то 7-уми феврал дар Индонезия баргузор мешавад, ба ҳисоб меравад.

РЕЗААХБОР



Размикори тоҷик Доробшоҳ Наботов (9-1) бо яке аз созмонҳои муҳорибаҳои омехтаи аврупоӣ - ARES Fighting Championship (Фаронса) шартнома баст. Лигаи ARES FC ин шартномаро эълон ва қайд кард, ки Наботов ҳамчун яке аз размикорони умедбахш дар Осиёи Марказӣ ба онҳо ҳамроҳ шудааст. Барои Наботов ин қадам идомаи мантиқии сафари касбии ӯ аст. Дар моҳи сентябр ӯ ба октагон баргашт ва дар мусобиқаи UFS дар Ҳамбург Маурисио Оталораи колумбиро (25-24) дар даври аввал нокаут карда буд.

***


Аз моҳи майи соли Лигаи ягонаи футболи Бадахшон оғоз гардид, ки дар он аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳо дастаҳо ширкат карданд. Сабқат байни дастаҳо ҳар рӯзи шанбе ва якшанбе дар шаҳри Хоруғ ва дигар ноҳияҳо баргузор гардида ва имрӯз бозии ниҳоӣ ҷиҳати дарёфти Ҷоми лигаи Бадахшон байни дастаҳои "Хоруғ Сити" ва "Рӯшон" баргузор гардид, ки бо ҳисоби 2:1 дастаи ноҳияи Рӯшон ғолиб омада, бо маблағи 20000 сомонӣ ва дастаи "Хоруғ Сити" сазовори ҷойи дуюм гардида, бо маблағи 10000 сомонӣ қадр карда шуданд.

***

Муштзани тоҷик Давлат Болтаев (6-0-1), барандаи медали биринҷии Бозиҳои Осиё дар соли 2024 ва чемпиони Бозиҳои Осиё 6-уми ноябр муборизаи ҳалкунандаи фаъолияти касбии худро анҷом медиҳад. Тибқи иттилои WBA, ӯ дар ринг барои унвони чемпионии вазни вазнини WBA Asia бо Дилан Прашовичи черногорӣ (21-7-0) рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Дар тӯли се соли охир номи Болтаев ба рамзи насли нави бокси тоҷик табдил ёфтааст.

***

Ду намояндаи Тоҷикистон - Искандар Мамадалиев ва Осимхон Раҳмонов дар мусобиқаи ACA 197, ки 5-уми декабр дар Маскав баргузор мешавад, ба майдон мебароянд. Мамадалиев (6-2) бо бразилӣ Винисус Круз (14-7-1), Раҳмонов (16-4) бо Давид Ҷабилови мағлубнопазир (9-0) мубориза мебаранд. Ҳардуи набардҳо барои размикорони тоҷик қадами муҳиме ба майдонҳои бузурги набард хоҳанд буд.



МЕҲРУБОНӢ

Марде ба дӯсташ шиква мекунад:

- Бе зан наметавонам, мефаҳмӣ. Меҳрубониву ғамхорӣ мехоҳам...

Дӯсташ мегӯяд:

- Зан ёб охир.

Мард дар ҷавоб:

- Занамро кучо мекунам?

ЛАМС

Аз марде мепурсанд:

- Ту ба муҳаббат аз нигоҳи аввал бовар дорӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Дар синну соли ман бо як дидан хулоса кардан нодуруст аст, ман бояд бо даст ламс кунам...

ДУБАЙ

Мард ба дӯсташ мегӯяд:

- Беҳтарин лаҳзаҳои умрам марбут ба сафари Дубай аст.

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Баҳ-баҳ, Дубай рафтӣ?

Мард мегӯяд:

- Не, порина занам рафта буд.

ҚАҲРАМОНӢ

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Дадеш, шумо ҳам ягон қаҳрамонӣ карда метавонед?

Мард дар ҷавоб:

- Бо ту зиндагӣ кардан худаш қаҳрамонист.

ҲАРАКАТ

Зани ҳомилае даст ба шикамаш гузошта, аз зани калонсол мепурсад:

- Хола, шумо ҳаракат кардани фарзандатонро кай эҳсос карда будед?

Зан мегӯяд:

- Вақте ки ба кор даромада, зиндагии мустақилонаро оғоз намуд.

БЕҲТАР

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Ту чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Беҳтар...

Мард боз мепурсад:

- Беҳтар аз кай?

Дӯсташ мегӯяд:

- Беҳтараш напурс!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ДОМСОЗ

Дар маъракае нишаста будему нафаре аз фиребгарию қаллобии хонасозон шикоят кард ва савол дод:

- Чаро аксарияти домсозхо мардумро фиреб медиҳанд?

Ҳар кас дар ин хусус андешаву ақидаи худро баён кард. Чун навбати ман расид, фарзияи зеринро гуфтам:

- Сабаб он аст, ки ин калима ҳаминро тақозо мекунад ва барвақт ба қатори калимаҳои тоҷикӣ ворид шудааст.

- Аз ин фалсафаи ту чизе нафаҳмидем, фаҳмотар гап занед, муаллим,- эрод гирифт нафаре аз ҳозирин.

- Хуб, ба забони одӣ мефаҳмонам. Домсозро шумо ба маънои хонасоз нафаҳмед...

- Ба маънои чӣ фаҳмем боз?,- ҳайрон шуд нафари дигар.

- Ба маънои нафаре фаҳмед, ки пеш аз сохтани бино ё тавре шумо мегӯед, “дом”, ӯ аввал дом, яъне қапқон ё “ловушка”-ро тайёр мекунад. Пас аз эълон кардани сохтмони бино ӯ офиси фурӯши хонаҳоро месозад ва дом ё қапқон дар ҳамин ҷо ҷойгир шудааст. Муштариён як-як ё ду-ду ба ин дом меафтанд. Ана ҳамин тавр, як хона ба панҷ-шаш нафар ё аз ин ҳам зиёдтар фурӯхта мешавад ва пас аз сохтани бино саргардонии онҳо сар мешавад. Хулоса, имрӯз дар луғати забони тоҷикӣ калимаи нави “домсоз” ҷойгир шудааст ва бисёр калимаи хатарнок аст,- гуфтам ман.

- Бисёр хулосаи дуруст баровардед, бародар,- гуфт оҳкашон нафаре, ки шояд дар ин дом афтода буд.

ҲАКАМ ВА ДОВТАЛАБ

(Пора аз гуфтугӯи ду аъзои ҳакамони як озмуни маъруф)

- Хайр, канӣ накл кунед, озмуни имсола чӣ хел гузашт?

- Дар мачмуъ, хуб гузашт.

- Назар ба соли гузашта чӣ фарқият дошт?

- Фарқияташ ҳамин, ки шумораи иштирокчиён зиёд буд.

- Боз?

- Иштирокчиёни шилқин камтар буданд, даъвогарон муросо карданд...

- Дар масъалаи ташкилӣ чӣ?

- Беҳтар буд, сифати хӯрок хубтар, ҳақи қалам қонеъкунанда, хизматрасонии нақлиёт ҳам писанд омад.

- Солҳои оянда ҳам иштирок хоҳед кард?

- Ҳа, як соли дигар ба сифати ҳакам иштирок хоҳам кард.

- Баъд чӣ?

- Агар соли оянда суханронӣ ва саволу ҷавобҳои иштирокчиёнро хуб гӯш кунам, ҳамаи асарҳои ба озмун пешниҳодшударо хондагӣ ҳисоб мешавам. Ана, соли дигараш метавонам ба сифати довталаб барои ба даст овардани ҷоиза иштирок кунам, на чун узви ҳакамон.

Ҷумъа МИРЗО

Сканворд

